Стандартҳо - кафили пешрафти ҷомеа

# Стандарт

www.standard.tj /// E-mail info@standard.tj

НАШРИЯИ АГЕНТИИ ТОҶИКСТАНДАРТ №10 (34) 31 майи соли 2023

# НАҚШИ СТАНДАРТОНӢ ДАР РУШДИ САНОАТ ВА ИСТЕҲСОЛОТ

**Стандартҳо заминаи асосии сифату бехатарии маҳсулот ва хизматрасонӣ буда, дар пешрафти ҳаёти инсоният, фароҳам овардани шароити хуби зиндагӣ ва таъмини ғизои босифату бехатар нақши муассир доранд. Талаботи стандартҳо дар саросари дунё амалӣ мегардад. Дар Ҷумҳурии мо низ дар доираи қонунгузориҳои мамлакат ба татбиқи амалии стандартҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир мегардад ва ин омил барои баланд бардоштани сифату рақобатпазирӣ ва бехатарии молу маҳсулот мусоидат мекунад.**




## МАҚСАД: ТАЪМИНИ ҲУҚУҚҲОИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН



**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» муносибатҳои байни истеъмолкунанда, истеҳсолкунанда, иҷрокунанда, фурӯшандаро ҳангоми фурӯши мол, иҷрои кор, хизматрасонӣ ба танзим даровада, ҳуқуқи истеъмолкунандагонро барои харидани моли сифати муносиб ва барои ҳаёту саломатии истеъмолкунандагон бехатар, гирифтани маълумот оид ба мол, кор, хизматрасонӣ ва истеҳсолкунандагон, иҷрокунандагон, фурӯшандагони он, ҳимояи давлатӣ ва ҷамъиятии манфиати онҳо муқаррар ва тарзи татбиқи ҳуқуқҳоро муайян мекунад.**

## СОҲИБКОРОН ДАСТГИРӢ МЕЁБАНД



Саҳ.4

## ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР НУҚТАҲОИ САВДО ТАЛАБОТИ ИМРӮЗРО ТАҚОЗО МЕКУНАД



Саҳ.4

## МО ҶАВОНОН ПАЙРАВОНИ ПЕШВОИ МИЛЛАТЕМ



Саҳ.7

# ТАҶЛИЛИ РӮЗИ КОРМАНДОН





**Санаи 25 майи соли равон дар Агентии Тоҷикстандарт ҷаласаи васеъ дар робита ба таҷлили Рӯзи кормандон баргузор гардид.**

Дар ҷаласаи тантанавӣ, нахуст, директори Агентии Тоҷикстандарт баромад кард. Ӯ зимни суханронии худ иброз дошт, ки меҳнат дар ҳама давру замон яке аз шартҳои мавҷудият, бақои инсон ва ҷамъият ба ҳисоб меравад ва имрӯз ҳам пешрафти ҷомеа, беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагӣ маҳз ба ҳамин омил вобаста мебошад.

Ҳадафи асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини рушди устувори иқтисодии Тоҷикистон ва бо ҳамин роҳ баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии мардум буда, дар назди мо вазифаҳое вогузор мешаванд, ки таъмини рушди иқтисодиву иҷтимоии ватанамон аз иҷрои пайгиронаи онҳо вобастагӣ дорад.

Лозим ба ёдоварист, ки Агентии Тоҷикстандарт ҳамчун мақомоти миллии соҳаи стандартонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, дар ташкилоти байналмилалии соҳаи стандартикунонӣ Тоҷикистонро муаррифӣ менамояд. Имрӯз мақомоти миллии стандартонии мамлакат аъзои Шӯрои байдавлатӣ оид ба стандартизатсия, сертификатсия ва метрологияи давлатҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил, аъзо-корреспонденти ташкилоти байналмилалӣ оид ба стандартҳо ISO ва дигар ташкилот мебошад, ки бе мамоният аз стандартҳои байдавлатӣ ва байналмилалӣ истифода мебарад. Ҳамзамон, Тоҷикстандарт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти пешбаранда ва нигоҳдорандаи фонди давлатии ҳуҷҷатҳои меъёрии-техникӣ мебошад.

Дар амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии мамлакат дар баробари дигар мақомот Агентии Тоҷикстандарт низ масъулияти калонро ба зимма дорад. Фаъолияти самарабахши ҳаррӯзаи ҳар яки мо ва талошу заҳмати ҳар кадомамон ба хотири ободонии Ватан ва ҳифзи манфиатҳои мардум нигаронида шудааст. Ин амал аз мо талаб менамояд, ки бо дили гарму масъулияти дучанд кору фаъолият кунем ва кӯшиш намоем, ки дар татбиқи амалии вазифаву мақсадҳое, ки Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пеши аҳли ҷомеа гузоштаанд, саҳми арзанда ва назаррас дошта бошем.

Дар охири ҷаласа як қатор кормандон барои саҳми назаррас гузоштан дар пешбурди соҳа, бо ифтихорномаҳо қадрдонӣ шуданд.

# МАШВАРАТИ КОРӢ

**Чанде пеш дар бинои Агентии Тоҷикстандарт дар робита ба таҳияи лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Регламенти техникии "Бехатарии гӯшти паранда ва маҳсулоти коркардшудаи он" бо иштироки масъулин аз Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, намояндагони корхонаи истеҳсолӣ, мизи мудаввар баргузор гардид.**



Ҷаласаро муовини директор Рустамзода Малоҳат оғоз намуда ибroз дошт, ки мақсад аз ҷамъомад ин баррасии пешниҳоди вазорату идораҳои дахлдор нисбат ба лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Регламенти техникии "Бехатарии гӯшти паранда ва маҳсулоти коркардшудаи он" мебошад.

Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Регламенти техникии "Бехатарии гӯшти паранда ва маҳсулоти коркардшудаи он" тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ" таҳия гардидааст.

Мақсади асосии таҳияи регламенти техникӣ ин ба танзим даровардани меъёрҳои сифат ва бехатарии гӯшти паранда ва маҳсулоти коркардшудаи он мебошад. Регламенти техникии мазкур равандҳои ҳатмии татбиқ ва таъмини талаботро нисбат ба маҳсулоти парандаи забҳшудаи дар хоҷагиҳои парандапарварӣ парваришёфта ва маҳсулоти коркарди он, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муомилот бароварда мешавад, ҳамчунин, равандҳои истеҳсол, нигоҳдорӣ, интиқол, (боркашонӣ), фурӯш ва нобудсозӣ, инчунин, талаботро ба тамғагузорӣ ва бастабандии маҳсулоти парандаи забҳшуда ва маҳсулоти коркарди он барои таъмини раванди озоди онҳо дар доираи муомилот муқаррар менамояд.

Вобаста ба масъалаи мазкур, зимни суханронӣ сардори Раёсати бамеъёрдарории техникӣ ва стандартонӣ Ашурзода Суҳроб ва муовини сардори раёсат Нуруллозода Тоҳир таклифу пешниҳоди ниҳодҳои дахлдорро баррасӣ намуданд.

Дар асоси талаботи байналмилалӣ дар кори ҷаласа тарафҳои манфиатдор (истеҳсолкунандагон) намояндаи ҶДММ "Покиза" истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ иштирок ва пешниҳоди худро ироа намуд.

Дар анҷоми ҷаласа хулоса карда шуд, ки лоиҳа бо дарназардошти таклифу пешниҳодҳо такмил дода шуда, такроран барои барраси ба вазорату идораҳо ирсол карда шавад.

Бояд қайд кард, ки лоиҳаи мазкур дар доираи Нақшаи кории Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ барои нимсолаи якуми соли 2023 таҳия гардидааст.

# ҲАМОИШИ ҶАВОНОН ДАР ТОҶИКСТАНДАРТ



**Дар доираи таҷлили Рӯзи ҷавонон вобаста ба тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон дар Агентии Тоҷикстандарт бо иштироки намояндагони Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоиш доир гардид.**

Ҳозиринро муовини директори Агентӣ Сафарзода Мансур хайрамақдам гуфта, оид ба нақши ҷавонон дар замони истиқлол ва инчунин, саҳми ҷавонони Агентӣ дар пешбурди соҳа изҳори назар намуда, аз ҷумла, таъкид дошт, ки таваҷҷуҳи хосаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боис гашт, ки тайи солҳои соҳибистиқлолии мамлакат сиёсати давлатии ҷавонон таҳкиму тақвият ёбад ва ҷавонони кишвар ҳамчун нерӯи созанда дар пешрафти иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон саҳми арзандаи худро гузоранд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба масъалаҳои ҷавонон, аз ҷумла, беҳдошти вазъи таълиму тарбия, соҳиби ихтисос, касбу ҳунар ва бо ҷойи кор таъмин гардонидани онҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, баҳри дастгирии ҳамаҷонибаи ҷавонон барномаҳои мушаххасро ба тавсиб расонид, ки дар натиҷа доираи васеи ҷавонон ба тарзи ҳаёти солим ва омӯзиши касбу ҳунару илму маърифат фаро гирифта шуданд.

Дар Агентии Тоҷикстандарт мақсад ва вазифаҳои дар пешгузоштаи Роҳбари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро хуб дарк намуда бо дарназардошти он, ки ҷавонон барои пешрафт ва тараққиёти кишвари азизамон саҳмгузор мебошанд, аз ҷониби роҳбарияти Агентии Тоҷикстандарт ҷавонон дастгирӣ меёбанд ва бо тавсияи директори Агентӣ онҳоро ба курсҳои бозомӯзӣ, конференсияҳо ва семинарҳои байналмилалӣ дар дохил ва хориҷи кишвар равона карда мешаванд.

Ҳамзамон, муовини директори Агентӣ Рустамзода Малоҳат андешаҳои худро бо дарназардошти иштироки фаъолонаи ҷавонон дар рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангии давлат баён карда, дар анҷоми суханронӣ зикр намуд, ки ояндаи тақдири халқу давлати Тоҷикистони соҳибистиқлол бар дӯши мо гузошта шудааст ва ин рисолати хайр, яъне ҳифзу обод кардан ва ба наслҳои оянда ба мерос гузоштани сарзамини аҷдодӣ ба Ватани азизи хеш масъулияти бузург буда, ҳар яки моро вазифадор менамояд, ки дар татбиқи сиёсати созандаю хирадмандонаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми назаррас гузошта, ҳамеша ба хотири таҳкими ваҳдати миллӣ пойдориву устувории давлати соҳибихтиёри худ, густариши худшиносиву худогоҳӣ ва ватандӯстиву ватанпарастӣ кӯшишу талош намоем. Инчунин, барои устувор намудани пояҳои истиқлоли миллӣ ва бунёди давлати пуриқтидори демократӣ ва ҳуқуқбунёд дуруст амал намоем ва ба ҷомеаи ҷаҳонӣ раҳшонтарин арзишҳои тамаддуни бузурги ниёгонамон масъулияти бузургре бар дӯш дошта бошем.

Сипас, намояндаи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш дар робита бо таҷлили Рӯзи ҷавонон бо маърӯзаи пурмуҳтаво суханронӣ намуда, даъват ба амал овард, ки - мо бояд фаъолияти худро ба манфиати давлат ва ҷомеа равона созем ва аз ҳама зуҳуроти манфӣ, ки шаъну шарафи мо-ҷавононро паст мезанад, худдорӣ намоем. Аз ҳамаи ҷавонон даъват ба амал меорам, ки бийёд ба хотири рушди Ватани азизамон ва пешрафту ташаккули он мутташаккилона бо меҳнати софдилона ва азму иродаи қавӣ кору фаъолият намуда, дар ҷомеа ҳиссаи сазовор гузорем. Дарвоқеъ мо - ҷавонон, қудрати сохтану бунёд карданро дорем. Зеро зодаи ин миллати созандаем ваояндаи ин Ватан дурахшон аст.

Дар идома як зумра ҷавонони фаъоли Агентӣ бо Ифтихорномаҳои Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ шуданд.

Илова бар ин, дар охири ҷамъомад бо мақсади тақвият додани тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон аз ҷониби роҳбари Ҳайати ҷавонони Агентӣ Саидзода Рамазон ба ҳозирин оид ба муҳтаво ва талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон" тариқи рӯнамо маълумот дода шуд.

# 20 МАЙ - РӮЗИ УМУМИҶАҲОНИИ МЕТРОЛОГИЯ

## Фаъолияти тамоми самтҳои ҷамъият бе саҳеҳияти ченак имконнопазир аст




**20 май дар ҷаҳон Рӯзи умумиҷаҳонии метрология дониста мешавад. Бо ин мақсад дар Агентии Тоҷикстандарт таҳти унвони «Ченкуниҳо барои нигаҳдории системаи ҷаҳонии озуқаворӣ» конференсияи илмӣ-назариявӣ доир карда шуд.**

Зимни ҳамоиш гуфта шуд, ки вазифаи асосии метрология аз он иборат аст, ки соҳаҳои гуногуни ҷамъият, аз ҷумла корхонаҳои истеҳсолӣ ва мақомоти давлатиро бо маълумоти дақиқ, ки барои некуаҳволии аҳли ҷомеа зарур аст, таъмин намояд.

Иттилоъ дода шуд, ки бо мақсади татбиқи Қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона» давоми семоҳаи якуми соли 2023 дар озмоишгоҳҳои санҷиш ва андозагирии воситаҳои ченаки Агентӣ 85 ҳазору 834 воситаи ченак аз санҷиши мутобиқат гузаштааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3 281 адад зиёд мебошад.

Аз ин шумора 64 ҳазору 801 ададро воситаҳои ченаке ташкил медиҳанд, ки ҳангоми баҳисобгирии захираҳои сӯзишворию энергетикӣ истифода мешаванд.

Тибқи маълумоти сардори Раёсати таъминоти метрологии воситаҳои ченаки Агентии Тоҷикстандарт ҳама самтҳои ҳаёт ва фаъолияти ҷамъияти имрӯза, яъне тандурустӣ, энергетика, экология, тараққиёт ва ҷорӣ кардани технология, дастовардҳои илмию техникӣ, савдо ва ғайраҳоро бе саҳеҳияти ченак тасаввур кардан имконнопазир аст.

«Фаъолияти метрологӣ оид ба таъмини ченаки ягона дар ҷумҳурӣ дар асоси манбаи маҳакҳои давлатӣ, яъне воситаҳои ченаки намунавии ниҳоят дақиқ ба роҳ монда шудааст», -иброз дошт ӯ.

Ба гуфтаи мутахассиси соҳа, манбаъҳои моддию техникии метрологии Агентии Тоҷикстандарт солҳои охир боз ҳам густариш ёфта, озмоишгоҳҳои метрологии дастгоҳи марказӣ ва сохторҳои минтақавӣ бо таҷҳизоти ҳозиразамон ҷиҳозонида шуда, мутахассисони касбӣ ба кор ҷалб гардидаанд. Ин имконият медиҳад, ки талаботи рӯзафзуни бахшҳои иқтисодиёти мамлакат дар соҳаи назорати давлатии сифати маҳсулот, таъминоти метрологии истеҳсолот, ҳолату истифодаи воситаҳои ченак ва санҷиш қонеъ гардонида шавад.

Ба андешаи сардори Раёсати таъминоти метрологии воситаҳои ченаки Агентии Тоҷикстандарт, метрология дар рушди иқтисоду тиҷорат ва саноат нақши муҳим дорад, зеро ҳар маҳсулоте, ки истеҳсол мешавад, бояд ба талаботу воситаҳои ченак мувофиқ ва ба талаботи регламентҳои техникӣ ва дигар стандартҳо ҷавобгӯ бошад.

«Аҳамияти ин рӯз барои метрологҳои ҳамаи мамлакатҳо ягона аст, зеро имзои Конвенсияи Метрӣ бо ҳусни оғоз бахшидан ба бунёди «низоми ягонаи ченак дар ҳама замона барои ҳамаи халқият» марҳалаи нави инкишофи метрологияи байналмилалӣ дониста шудааст», -гуфт мавсуф.

Ба андешаи сардори Раёсати таъминоти метрологии воситаҳои ченак, барои тиҷорати байналмилалӣ ва дастрасӣ ба бозорҳо барои маҳсулоти гаронбаҳо истеҳсолкунандагон бояд риояи стандартҳои ғизоро нишон диҳанд. Илова бар ин, давлатҳо бояд амнияти ва тиҷорати одилонаро бахусус дар бозорҳои маҳаллии озуқа таъмин намоянд. Ҳамаи ин бо ченкунии боэътимоди миқдор ва сифати маҳсулоти ғизоии хом ва коркардшуда тасдиқ карда мешавад.

Сардори раёсати таъминоти метрологии воситаҳои ченаки Агентии Тоҷикстандарт таъмини ягонагии ченакро дар сатҳи имрӯзаи ҷаҳонӣ омили рушди тиҷоратию иқтисодӣ ва равобити илмию техникии байни давлатҳо ҳисобида, изҳор намуд, ки вусъати савдои умумиҷаҳонӣ, истеҳсоли муштараки молҳо дар байни кишварҳо, ғамхорӣ дар бораи саломатӣ ва бехатарии аҳолӣ ва масоили муҳити атроф талаботро ба таъмини ченаки ягонаи байналмилалӣ зиёд мекунанд.

***Зарангези ЛАТИФ***

**ВАРЗИШ**

## ҒОЛИБОН ҚАДРДОНӢ ШУДАНД



Барои сазовор таҷлил намудани Рӯзи кормандони Агентии Тоҷикстандарт, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рӯзҳои ид" ҳамасола 25 май таҷлил карда мешавад, мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ аз қабилӣ футбол, волейбол ва дигар намуди машғулиятҳои варзишӣ гузаронида мешавад.

Вобаста ба ин, имсол низ дар арафаи таҷлили Рӯзи соҳавии кормандон миёни кормандони раёсату шуъбаҳои Агентӣ мусобиқаи волейбол доир карда шуд, ки онро сармутахассиси Нозироти савдо Давлатов Ғайратшо доварӣ ва роҳбарӣ намуд.

Ҷойи якум насиби кормандони Маркази ташхисии молу маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзии Агентии Тоҷикстандарт гардид.

Ҷойи дуюм бошад насиби кормандони Раёсати таъминоти метрологии Агентии Тоҷикстандарт шуд.

Ҷойи сеюм дар ин мусобиқаи варзишӣ насиби кормандони Раёсати корҳо ва ҳуқуқ ва Нозироти пахта ва пиллаи Агентии Тоҷикстандарт, ки дар якҷоягӣ бозӣ мекарданд, гардид.

Ғолибон дар рӯзи таҷлили иди касбӣ бо ифтихорномаҳо ва мукофотҳо сарфароз гардонида шуданд.

Хотирнишон бояд сохт, ки бо ташаббуси роҳбарияти Агентии Тоҷикстандарт ва Иттифоқи касабаи Агентӣ ҳамасола барои таҷлили ҷашнҳои миллӣ ва соҳавӣ мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ роҳандозӣ карда мешавад.

## ИШТИРОКИ ФАЪОЛОНАИ ҲАЙАТИ ҶАВОНОН ВА КОРМАНДОНИ АГЕНТИИ ТОҶИКСТАНДАРТ ДАР ДАВИ МИЛЛӢ ВА МАРАФОНИ ВЕЛОСИПЕДРОНӢ



Ёдовар бояд шуд, ки ширкаткунандагони ҳам Дави миллӣ ва ҳам велосипедронон аз маҳаллаи Чорбоғ то Наврӯзгоҳи пойтахт сабқат намуданд.

Дар чорабинии мазкур, дар баробари дигар сохтору ниҳодҳо, инчунин, кормандони Агентии Тоҷикстандарт низ фаъолона иштирок намуданд.



Дар доираи Нақшаи чорабиниҳои Рӯзи ҷавонон ва тарғиби тарзи ҳаёти солим, дар шаҳри Душанбе бо иштироки 53700 ҳазор нафар сокинони касбу кори гуногуни Дави миллӣ доир карда шуд. Дар баробари ин, дар рӯзи Дави миллӣ марафони велосипедронӣ низ баргузор гардид, ки дар он 1560 нафар ширкат намуданд.

ХИЗМАТРАСОНӢ

# ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР НУҚТАҲОИ САВДО ТАЛАБОТИ ИМРӮЗРО ТАҚОЗО МЕКУНАД



Дар давраи соҳибистиқлолии кишвар шакл ва мазмуни савдо дар василаи падид омадани як қатор омилҳои нави иқтисоди бозаргонӣ, инкишоф ёфтани савдои озод ва ривоҷ ёфтани тиҷорати тарафайн бо тамоми кишварҳои олам, хеле тағйир ёфт ва вобаста ба ин низоми савдо низ ба дигаргуниҳо дучор омад. Дар шароити имрӯза тариқи корбурди тамоми нуқтаҳои савдо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қонуну қоидаҳои муқарраргардида мураттаб ёфта, талаботи умумии корбурди нуқтаҳои савдо, тариқи қабул, нигаҳдошт ва ба фурӯш баровардани молу маҳсулот, қоидаҳои асосии фурӯш, ҳамчунин, муомилаю муносибат бо мизоҷону харидорон, иҷрои талаботи санитарӣ, тариқи нархгузорӣ, назорати ҳатмӣ ба кори нуқтаҳои савдо, уҳдадориҳои асосии роҳбарон ва дигар кормандони нуқтаҳои савдо ва ин амсолро дар бар мегирад.

Бинобар ин таҷриба нишон медиҳад, ки барои муваффақиятро дар бозор соҳиб шудан системаи тақсимкунӣ ва фурӯшро дуруст ба роҳ мондан аҳамияти бениҳоят калон дорад. Ин маънои онро дорад, ки то вақте маҳсулот харидор намеёбад ва ба фурӯш намеравад истеҳсоли онро оғоз кардан намеарзад.

Бисёр истеҳсолкунандагон молҳои худро ба бозор бо ёрии миёнаравон мебароранд. Ҳар миёнарав кӯшиш мекунад роҳи тақсимкунии худро ташкил кунад.

Дар ҷараёни ҳаракати мол нақши савдои чакана ва яклухт бисёр калон аст. Савдои чакана – ҳар фаъолият оид ба фурӯши молҳо ва хизматрасониҳо бевосита ба истеъмолкунандагони ниҳоӣ барои истифодабарии шахсии ғайритиҷоратии онҳо мебошад.

Ҳар дӯконе, ки ба ин кор машғул мешавад, новобаста аз тарзи фурӯши мол ва хизматрасонӣ – методи фурӯши шахсӣ, бо почта, бо телефон ё ба воситаи дастгоҳи савдо ва дар куҷо онҳо фурӯхта мешаванд –дар мағоза, дар кӯча ё дар хонаи истеъмолкунанда, ба савдои чакана машғул мешавад. Бо мурури замон бо дигар шудани муҳит хизматрасонии савдои чакана низ тағйир меёбад.

Тавре маълум аст, тариқи хизматгузории савдо, ки тӯли ҳазорсолаҳо дар раванди ҳаёти мардуми мо сайқал ёфта, ҳамзамон, ифшогари яке аз ҷабҳаҳои маданият ва ҳуввияти миллӣ мебошад, аз ҳамаи кормандони нуқтаҳои савдо, хоса тоҷирону соҳибкорон ва фурӯшандагон одоби баланд, маданияти миллӣ, нигоҳдошти низоми мураттабу риояи дурусти қоидаҳои ин соҳаи муҳимро пайваста талаб менамояд. Зеро нуқтаҳои савдо дар баробари хизматгузорӣ, инчунин, макони фазл, даргоҳи оромиши рӯҳу тан ва ҷойи баланд бардоштани сатҳи тарбияи маънавӣ низ ба ҳисоб меравад.

Бо ворид гардидан ба нуқтаҳои савдо ва мушоҳидаи муомилаву корбурди фурӯшандагону хизматгузорон мизоҷон зуд дармеёбанд, ки дар он макон тариқи хизматгузорӣ ва маданияти савдо дар кадом сатҳ аст. Аз ин рӯ риоя намудани қоидаҳои савдо ва тариқи хизматгузории баланду нигаҳдории низоми соҳа муҳимтарин василаи пешбурди кор дониста мешавад.

Мувофиқи муқаррароти ҷойдошта, бояд дар болои дари даромадгоҳи ҳар як мағоза, дар овезаи меъёрии орододашуда, бо ҳарфҳои зебову хоно ва пеш аз ҳама, бо забони давлатӣ (тоҷикӣ) номи мағоза, номи ширкати мағозаи ба ӯ тааллуқдошта, расм ё манзараи мувофиқ ба он насб гардонида шуда бошад. Ҳамчунин, дар назди даромадгоҳ соати корӣ, соатҳои танаффус, рӯзҳои истироҳат ва дигар реҷаҳои кориро дар лавҳи махсус орододашуда насб намудан ҳатмист ва ин навиштаҷот низ бояд пеш аз ҳама, бо забони давлатӣ бошад.



*Юсуф Нуров,*
*мутахассиси шуъбаи шаҳодатномадиҳии кору хизматрасонии Агентии Тоҷикстандарт*

# МАҚСАД: ТАЪМИНИ ҲУҚУҚҲОИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» муносибатҳои байни истеъмолкунанда, истеҳсолкунанда, иҷрокунанда, фурӯшандаро ҳангоми фурӯши мол, иҷрои кор, хизматрасонӣ ба танзим даровarда, ҳуқуқи истеъмолкунандагонро барои харидани моли сифати муносиб ва барои ҳаёту саломатии истеъмолкунандагон бехатар, гирифтани маълумот оид ба мол, кор, хизматрасонӣ ва истеҳсолкунандагон, иҷрокунандагон, фурӯшандагони он, ҳимояи давлатӣ ва ҷамъиятии манфиати онҳо муқаррар ва тарзи татбиқи ҳуқуқҳоро муайян мекунад.**



Масалан, агар шумо шиме харидед, ки як андоза хурд бошад, ё ин ки пойафзоле, ки барои туҳфа ба ягон наздиконатон харидед ба ранги куртааш мувофиқ наомад, дар чунин ҳолатҳо мувофиқи талаботи Моддаи 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандгон» маҳсулоти мазкурро дар муҳлати то 14 рӯз метавонед иваз кунед.

Маҳсулоте, ки шумо иваз карданӣ ҳастед, аз нав ба фурӯш гузошта мешавад. Бинобар ин, на ҳама мол иваз карда мешавад. Моле, ки истифода шуда бошад, сифати истеъмолиаш паст мешавад (мисол: ҷӯробҳо, либосҳои тагпӯш) иваз ё бозпас гардонида намешаванд.

Агар шумо маҳсулоти хушсифатро иваз карданӣ бошед, дар хотир доред:

1. Маҳсулот набояд истифода шуда бошад. Агар шумо пойафзолро се рӯз пӯшида бошеду аз сабаби маъқул набудани рангаш иваз карданӣ бошед, он иваз карда намешавад.

2. Фаромӯш накунед – моли хушсифат бояд иваз карда шавед ба шарте, ки мол мавриди истифода қарор нагирифта, хосиятҳои истеъмолиаш осеб надида бошанд. Азбаски, фурӯшанда моли бозпас гардонидаро боз ба фурӯш хоҳад гузошт, ҳангоми баргардондани мол дар он бояд тамғаи истеҳсолкунанда мавҷуд бошад ва қолаби он бояд вайрон нагашта бошад.

3. Албатта чеки хазинавӣ ё расидро, ки дар он рӯз ва нархи маҳсулот дарҷ шудааст, шумо бояд нигоҳ доред. Ин ба шумо барои исбот кардани он, ки кай, аз куҷо ва аз кадом фурӯшанда, чӣ хел молро харидаед, зарур мебошад.

Ҳангоме, ки агар моли ба шумо лозим (андоза, модел, артикул) ҳангоми муроҷиат карданатон дар фурӯш набошад, шумо метавонед мувофиқи моддаи 25 Қонуни зикргардида, шартномаро бо фурӯшанда бекор кунед ва баргардонидани маблағатонро талаб намоед ё ҳангоми ворид гаштани моли ба шумо муносиб, онро дар навбати аввал иваз намоед.

Дар хотир дошта бошед, ки ин талаботро танҳо бо маҳсулоти хушсифате, ки ба шумо мувофиқ наомад, истифода бурда метавонед. Масъалаи ҳифзи бозори истеъмолии мамлакат ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар мадди аввали фаъолияти мо қарор дошта, дар самти пешгирии фурӯши маҳсулоти ғайристандартӣ, аз муомилот гирифтани маҳсулоти муҳлати истеъмолаш гузашта, инчунин, риояи қоидаҳои дурусти савдо пайваста бо соҳибкорон ва истеҳсолкунандагон корҳои назоративу машваратӣ мегузаронем.

Бо вуҷуди ин, аз тамоми истеъмолкунандагон даъват ба амал оварда мешавад, ки ҳангоми харидории молу маҳсулот ҳуқуқҳои истеъмолии худро донанд ва дар натиҷаи муайян кардани камбудиҳо ба мақомоти дахлдор, аз ҷумла, ба Агентии Тоҷикстандарт муроҷиат намоянд.



*Сироҷиддин Нуруллоев,*
*сармутахассиси Нозироти савдои Агентии Тоҷикстандарт*

ФАЗОИ ОЗОДИ СОҲИБКОРӢ

# СОҲИБКОРОН ДАСТГИРӢ МЕЁБАНД

**Боиси ифтихор аст, ки бо шарофати роҳбарии хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазъи иқтисодию иҷтимоии кишварамон ҳамасола рӯ ба беҳбудӣ ниҳода, дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи мамлакат дигаргуниҳои куллӣ ва пешрафтҳои назаррас дида мешавад.**



Бояд гуфт, ки таваҷҷуҳ ба рушди соҳаи саноат дар мамлакат аз самтҳои меҳварӣ маҳсуб ёфта, бо мақсади мусоидат ба ин соҳаи муҳим ва дар асоси Паёмҳои ҳарсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба саноатикунонии босуръати кишвар, ки ҳадафи чоруми стратегӣ эълон гардидааст, дар мамлакат ба соҳибкорону саноатчиён як қатор имкониятҳо пешниҳод гардидааст. Ин иқдоми наҷиби Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имкон медиҳад, ки чандин корхонаҳои саноатӣ ба фаъолияти пурсамар шуруъ намуда, аз натиҷаи кори худ қаноатманд гарданд.

Фаъолияти соҳибкорӣ дар беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ тавассути таъмини рушди устувори иқтисодӣ, шуғли аҳолӣ ва истеҳсолоти ватанӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Соҳибкорӣ ба навовариҳои илму техника, тағйироту талабот ва вазъи бозори ҷаҳониву минтақавӣ ба зудӣ мутобиқ шуда, дар ин замина ба роҳ мондани истеҳсолоти маҳсулоти рақобатпазирро таъмин менамояд.

Бо дарки амиқи ҳамаи ин омилҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди соҳибкорӣ ва сармоягузориро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ эълон намудааст. Солҳои охир дар соҳаи пешбурди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя як силсила ислоҳот, ки ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, кам кардани монеаҳои маъмурӣ ва дахолат накардани давлат ба фаъолияти хоҷагидории субъектҳои соҳибкорӣ равона гардидаанд, анҷом дода шуд.

Барои ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гадонидани фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусиву соҳибкорӣ ва ҳамгироӣ бо иқтисоди ҷаҳонӣ, ки аз ҳадафҳои муҳими мо ба шумор меравад, чораҳои ҷиддӣ андешида шуда, дар кишвар шароити озоди рақобат фароҳам оварда шудааст.

Дарвоқеъ, таваҷҷуҳи пайвастаи Сарвари давлат ба масъалаҳои рушди соҳибкории хурду миёна ва дастгирии бевосита аз секторҳои хусусӣ, минбаъд низ барои зиёд шудани сафи чунин ширкатҳои миллӣ, ки обурӯ ва эътибори ҷумҳурии тозаистиқлоламонро дар арсаи байналмилалӣ баланд мебардоранд, мусоидат хоҳад кард.

Тадбирҳое, ки барои дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон андешида шудаанд, имкон фароҳам овард, ки фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, ҳамчун яке аз омилҳои асосии ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар рушд ёфта, ба навсозии истеҳсолот, ҷалби сармояи хориҷӣ ва ватанӣ, тақвияти ҳамкориҳои давлат бо бахши хусусӣ, мукаммалсозии низоми қарздиҳӣ ва молиявии дастгирии субъектҳои соҳибкории хурду миёна, пешниҳоди субсидияҳои давлатӣ ва қарзҳои имтиёзнок ба субъектҳои соҳибкории хурду миёна, беҳтар намудани сифат, афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ ва ба содирот нигаронидашуда ва муҳайё сохтани ҷойҳои нави корӣ ба баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми кишвар мусоидат намуд.



*Дилшод Султонов,*
*сардори шуъбаи баҳодиҳии мутобиқат дар Маркази Тоҷикстандарт дар вилояти Хатлон*

# НАҚШИ СТАНДАРТОНӢ ДАР РУШДИ САНОАТ ВА ИСТЕҲСОЛОТ

**Стандартҳо заминаи асосии сифату бехатарии маҳсулот ва хизматрасонӣ буда, дар пешрафти ҳаёти инсоният, фароҳам овардани шароити хуби зиндагӣ ва таъмини ғизои босифату бехатар нақши муассир доранд. Талаботи стандартҳо дар саросари дунё амалӣ мегардад. Дар ҷумҳурии мо низ дар доираи қонунгузориҳои мамлакат ба татбиқи амалии стандартҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир мегардад ва ин омил барои баланд бардоштани сифату рақобатпазирӣ ва бехатарии молу маҳсулот мусоидат мекунад.**

Саҳми кормандони Агентии Тоҷикстандарт дар рушди саноат ва истеҳсолоту баланд шудани сифати молу маҳсулоти ватанӣ назаррас аст. Тӯли солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар баробари зиёд шудани корхонаҳои саноатӣ масъулияти кормандони Агентӣ зиёд шуда, дар таъмини сифат ва бехатарии молу маҳсулот нақши худро мегузоранд. Ҳоло дар бозори дохилӣ ҳазорҳо намуди молу маҳсулотро дастрас кардан имкон дорад, ки дар корхонаҳои ватанӣ истеҳсол мегарданд ва дар баробари ин бо сифати баланду қобили қабул аст. Чунин дастовардҳо натиҷаи амалӣ кардани стандартҳо дар рафти истеҳсолот аст. Соҳибкорони ватанӣ зарурати амалӣ кардани стандартҳоро, ки барояшон манфиати зиёд меорад, хуб дарк кардаанд. Онҳо дар доираи стандартҳои миллӣ, байнидавлатӣ ва байналмилалӣ фаъолият карда, тавассути молу маҳсулоти хушсифати худ дар хориҷи мамлакат низ тавонистаанд нуфузу обруи Тоҷикистонро ҳамчун як давлати дар ҳоли рушд баланд бардоранд.

Бо гузашти солҳо робитаи Агентии Тоҷикстандарт бо давлатҳои пешрафта тавсеа ёфта, боис шудааст, ки як қатор стандартҳо дар соҳаҳои гуногун таҳия ва дар истеҳсолот амалӣ карда шавад. Мутахассисон муҳимтарин нуктаҳои таҳияи стандартҳоро аз рӯи таҷрибаи пешрафта омӯхта, талаботи онро дар қисмҳои он ҷой додаанд.

Дар тӯли солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, барои баланд бардоштани сифату бехатарии молу маҳсулоти ватанӣ ва хизматрасонӣ 20 Регламенти техникӣ қабул гардид, ки иҷрои талаботи он дар истеҳсолоту савдо ва нуқтаҳои хизматрасонӣ, ҳатмӣ мебошад. Риоя кардани стандартҳо ва регламентҳои техникӣ бо мақсадест, ки талаботи истеъмолкунанда пурра қонеъ карда шавад ва маҳсулоти ватанӣ талаф наёфта, бо сифати баланду ба солимии истеъмолкунандагон бехатар дастрас гардад.

Дар Агентии Тоҷикстандарт ба таври доимӣ семинару вохӯриҳо баргузор мегардад. Соҳибкорон имконият доранд, ки дар рафти чунин чорабиниҳо ширкат карда, бо мутахасиссисон суҳбати озод карда, ҳар паҳлуҳои нозуки кории ба фаъолияташон дахлдоштаро омӯзанд, шинос шаванд ва дар кори минбаъдаашон самаранок истифода баранд. Имконияти ҳамкорӣ барои ҳама соҳаҳо дар Агентии Тоҷикстандарт фароҳам аст ва мутахассисон омодаанд, ки




ба соҳибкорон ва истеъмолкунандагон кумак расонанд.

Яке аз муваффақиятҳои Агентии Тоҷикстандарт дар он аст, ки аъзои Шӯрои байнидавлатӣ оид ба стандратонӣ, метрология ва сертификатсияи узви ИДМ, аъзо корессподенти ташкилоти байналмилалӣ оид ба стандартҳо (ISO) ва аъзои дигар ташкилот мебошад ва Агентӣ имкон дорад, стандартҳои байналмилалиро дар корхонаҳои саноатӣ ва нуқтаҳои савдову хизматрасонӣ ҷорӣ намояд. Баъд аз узви ин ташкилот шудан мутахссисони Агентӣ дар ҷаласаву вохӯрии он, ки дар давлатҳои аъзо доир мегардад, иштироки фаъолона мекунанд. Ин гуна ҷаласаҳо дар Тоҷикистон низ бо ташаббуси Агентии Тоҷикстандарт доир шуда, масъалаҳои муҳими соҳаи стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва савдо миёни аъзои ташкилот матраҳ мегардад.

Натиҷаи фаъолияти пурсамари мутахассисони Агентии Тоҷикстандарт, ҳамзамон, дар он дида мешавад, ки корхонаҳои истеҳсолӣ ва нуқтаҳои хизматрасонӣ дар Озмуни «Маҳсулот ва хизматрасонии беҳтарин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо дастовардҳои чашмрас иштирок мекунанд ва барои маҳсулоти беҳатарини худ ва ё хизматрасонӣ ҷойҳои намоёнро ишғол мекунанд. Ин гуна пешрафти фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ ва нуқтаҳои хизматрасонӣ далели он аст, ки истифодаи стандартҳо дар замони муосир хеле муҳим аст ва маълум мегардад, ки кормандони соҳа низ дар амалӣ гаштани низоми идоракунии сифат, татбиқи амалии стандартҳо, шартҳои техникӣ ва регламентҳои техникӣ бо масъулияти баланд кор мебаранду нақши худро мегузоранд.

***Ойгул Одинаева***

---

**ФАЪЛИЯТИ ҲИЗБӢ**

# ФАЪОЛИЯТИ БОСАМАРИ ТАШКИЛОТИ ИБТИДОИИ ҲИЗБИИ “СИФАТ”




**Дар асоси ҷадвали пешниҳоднамудаи Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд бо мақсади тақвияти корҳои дохилиҳизбӣ ва даъвати ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои экстримистӣ ва террористӣ, инчунин, омӯзиши фаъолияти ташкилоти ибтидоии ҳизбии “Сифат” дар толори Маркази Тоҷикстандарт дар вилояти Суғд маҷлиси умумии ташкилоти ибтидоии ҳизбӣ бо иштироки маъмурият ва аъзоёни ҳизб баргузор гардид.**

Ҷаласаро муовини садори Маркази Тоҷикстандарт дар вилояти Суғд Сангинзода Сангин Абдурашид оғоз намуда, зикр дошт, ки ташкилоти ибтидоии ҳизбии “Сифат” бо мақсади татбиқи сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳбари ҲХДТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар самти тарғиби дастовардҳои замони соҳибистиқлолии кишвар, ҷалби ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ, пешгирии ҳамагуна амалҳои номатлуб корҳои назаррасро ба сомон расонида, дар татбиқи ҳадафҳои стратегии мамлакат ва амалигардонии барномаи ҳизби пешсафи Тоҷикистон нақши муҳим доранд.

Дар идомаи ҷаласа Раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон шаҳри Хуҷанд Бахтиёр Исматҷонов баромад намуда, оид ба татбиқи сиёсати пешгирифтаи Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва дастовардҳои кишвар дар солҳои соҳибистиқлолӣ бо сарварии Пешвои миллат, таъмини сулҳу субот, баланд гаштани обрӯву нуфузи Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ, тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ихтиёран сафарбар гаштани ҷавонон ба сафи Қувваҳои мусаллаҳ, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои экстримистӣ ва террористӣ, такмили дониш ва малакаи касбии ҷавонон, аз даст надодани зиракии сиёсӣ, фаъолияти ҷавонон дар сафи ҳизб ва саҳми онҳо дар татбиқи ҳадафҳои стратегии мамлакат андешаҳои худро баён намуд. Ӯ зикр дошт, ки ташкилоти ибтидоии ҳизбии “Сифат” дар Маркази Тоҷикстандарт дар вилояти Суғд яке аз ташкилотҳои пешсаф ва фаъол дар татбиқи ҳадафҳои созандаи ҲХДТ ба шумор мераванд.

Сипас муовини раиси ташкилоти ибтидоии ҳизбии “Сифат” Наргиса Мирбобоева маърӯза намуда, зикр дошт, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо сарварии Президенти Мамлакат, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун ҳизби нерӯманди сиёсӣ сол аз сол дар байни ҷомеаи кишвар нуфузи бештар пайдо намуда, дар фаъолияти худ ба натиҷаҳои назаррас ноил гашта истодааст.

Ӯ ёдовар шуд, ки Маркази Тоҷикстандарт дар вилояти Суғд дар миқёси вилоят яке аз ташкилоти бонуфузи давлатӣ ба ҳисоб рафта имрӯз 137 нафар корманд, аз ҷумла, 117 нафар хизматчиёни давлатӣ фаъолият доранд. Аз миқдори умумии кормандон 72 нафар аъзоёни Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон буда, аз он 15 нафар занҳо мебошанд.

Изҳор карда шуд, ки дар Марказ вобаста ба татбиқи стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ, иҷрои талаботи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи забони давлатӣ» нақшаи чорабиниҳои тасдиқ карда шуда, аъзоёни ҳизб дар самти иҷрои талаботи онҳо фаъол мебошанд.

Дар ҷамъбасти ҷаласа таъкид карда шуд, ки дар оянда низ ташкилоти ибтидоии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар Маркази Тоҷикстандарт дар вилояти Суғд сиёсати пешгирифтаи Президенти кишвар, Кумитаи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро ҳамаҷониба дастгирӣ намуда, баҳри ободии диёр, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар ва баланд бардоштани савияи дониши сиёсии кормандони Марказ чораҳои зарурӣ меандешад.

Сипас дар вазъияти тантанавӣ якчанд нафар аъзои ҳизб барои фаъолияти босамар ва натиҷаҳои назарраси меҳнатӣ, бо сипосномаи Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд сарфароз гардонида шуда, ба якчанд нафар аъзоёни нави ҳизб шаҳодатномаи аъзогии ҳизб супорида шуд.

***Маҳкамбой Каримов,***
***сардори дафтари матбуоти Маркази Тоҷикстандарт дар вилояти Суғд***

---

**САВДО ВА НОЗИРОТ**

# ТАРТИБИ ФУРӮШИ АСБОБҲОИ РӮЗГОР

Доир ба тартиби фурӯхтани молу ашёи рӯзгор, махсусан, асбобҳои бо қувваи барқ истифодашаванда, ки дар нуқтаҳои махсуси савдо бояд ба тариқи зерин ба роҳ монда шавад: ашё ва асбобҳои тавассути қувваи барқ истифодашаванда, ки барои фурӯш дар нуқтаҳои савдои ин намуди молҳо гузошта шудаанд, бояд ба таври ҳатмӣ дорои сертификати мутобиқат, кафолатномаи хоса, шиноснома бо насби тамғаи лозима ва суроғаи ширкати истеҳсолӣ бошанд. (Ба ин қабил асбобҳо пеш аз ҳама асбобҳои радиоэлектронӣ, аз ҷумла тамғаҳои фирмавии телевизорҳо, магнитофонҳо, компютерҳо, дастгоҳҳои наворбардорию сабтнамоӣ, дастгоҳҳои инъикоскунандаи сурату матнҳо ва ин амсол дохил мешаванд). Намудҳои гуногуни яхдонҳо, мошинаи ҷомашӯӣ, ҳавокашҳои гуногун, печкаҳои барқӣ, дарзмолҳо, асбобҳои гармидиҳанда ва хӯрокпазӣ, намудҳои мухталифи термекс ва садҳо номгӯи дигар асбобҳои барқие, ки қариб ҳамарӯза намудҳои нав ба навашон вобаста ба талаботи давр истеҳсол мешаванд, дар нуқтаҳои савдои номбурда ба фурӯш бароварда мешаванд ва ин тариқи корбурди савдо аз масъулону мутахассисони соҳа дарки баланди масъулият, фаросат ва дониши баланди касбиро тақозо менамояд. Зеро, маҳз дар ин ҷода ба пуррагӣ қонеъ намудани талаботи истеъмолкунандагон аз тарафи тоҷирон ва соҳибкорону фурӯшандагон фаҳми нозуконаи раванди савдоро мехоҳад.

Тарафи дигари ин масъала талаботи умумии санитарии кормандони соҳаи савдо, таъмини амнияти маводи озуқаворӣ дар ҳама нуқтаҳои хӯроки умумӣ, назорати корбурди мағозаҳо ва ҳама нуқтаҳои савдо аз тарафи нозироту мақомоти дахлдор ва худи кормандони масъули савдо, вазифа ва ҳуқуқҳои асосии кормандони ин соҳа ва хоса фурӯшандагон, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон аз тарафи мақомоти дахлдор, вазифа ва масъулияту уҳдадориҳои роҳбарони мағозаҳо, вазифаҳои асосии фурӯшандагон ва ин амсол дастурамалҳои заруриро дар бар гирифта, пайваста кормандони соҳаи савдоро ба масъулияти баланду вазифашиносӣ талқин менамояд. Мутаассифона, дар ин соҳаи муҳими рӯзгор то имрӯз камбудиҳои ҷиддии соҳавӣ ва нарасидани кадрҳои болаёқату соҳибтахассус ба назар мерасад. Ва яке аз мушкилоти асосии ин соҳа дар он аст, ки то имрӯз аксари кормандони соҳаи савдо ва махсусан, фурӯшандагонро шахсони ғайриихтисос ташкил медиҳанд. Лек ба назари мо имрӯз талабу тақозои замон ба соҳаҳои савдо дигар аст ва қариб ҳамарӯза ин талабот торафт бештару бештар фарохтар гардида истодааст.

Аз ин лиҳоз, донистану риоя намудани талаботи низомномаи савдо, ки вобаста бо дарназардошти пешрафти босуръати ин соҳа пайваста такомул меёбад, барои ҳар кадом корманди ин соҳа ва махсусан, соҳибкорону тоҷирон ва фурӯшандагону дигар шахсони масъул зарур ва хеле аҳмиятнок ҳисобида мешавад. Аз тарафи дигар, дар шароити кунунӣ, ки пешрафти иқтисоду савдои ҷаҳонӣ ба зинаҳои хеле баландаш расидааст, донистану риоя намудани талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳа чун дастурамали асосии корӣ барои осон намудани кори савдо хеле муфид мебошад.



***Умед Тиллоев,***
***мутахассиси пешбари шуъбаи нозироти савдои МТМ дар шаҳри Турсунзода***

# СТАНДАРТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# МОЕЪ БАРОИ СИСТЕМАҲОИ ЭЛЕКТРОНИИ ИНТИҚОЛИ НИКОТИН (СЭИН)

**БО ФАРМОИШИ АГЕНТИИ СТАНДАРТИЗАТСИЯ, МЕТРОЛОГИЯ, СЕРТИФИКАТСИЯ ВА НОЗИРОТИ САВДОИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ 19.05.2023 ТАҲТИ №49 ТАСДИҚ ВА МАВРИДИ АМАЛ ҚАРОР ДОДА ШУД**

## Талаботи умумӣ

**1. Соҳаи истифодабарӣ**

Стандарти мазкур ба моеъҳо барои системаҳои электронии интиқоли никотин (минбаъд СЭИН/ENDS/ЭСДН номида мешавад) дахл дорад ва талаботро нисбат ба онҳо муқаррар мекунад.

Стандарти мазкур ба моеъҳои марбут ба маҳсулоти доруворӣ татбиқ намегардад.

**2. Истинодҳои меъёрӣ**

Барои истифодабарии ин Стандарти байналмилалӣ ҳуҷҷатҳои зерини истинод оид ба стандартизатсия зарур мебошанд:

ГОСТ ISO 2859-1-2009 Методҳои оморӣ. Тартиби назорати интихобӣ дар асоси алтернативӣ. Қисми 1. Нақшаҳои назорати ҷузъии як миқдори моли пайдарпай воридгашта дар асоси сатҳҳои қобили қабули сифат.

ГОСТ 7933-89 Картон барои бастаи (зарфи холии) истеъмолӣ. Мушаххасоти техникии умумӣ.

ГОСТ 8273-75 Коғази бастабандӣ (чизпечонӣ). Мушаххасоти техникӣ.

ГОСТ 9421-80 Картони бастабандии ҳамвор. Мушаххасоти техникӣ.

ГОСТ 12026-76 Коғази филтри лабораторӣ. Мушаххасоти техникӣ.

ГОСТ 26996-86 Полипропилен ва сополимерҳои пропилен. Мушаххасоти техникӣ.

ГОСТ 33756-2016 Бастабандии полимерии истеъмолӣ. Мушаххасоти техникии умумӣ.

ГОСТ 33781-2016 Бастаҳои истеъмолии картонӣ, коғазӣ ва аз маводи омехта. Мушаххасоти техникии умумӣ.

Эзоҳ - Ҳангоми истифодаи ин стандарт (тавсияҳо оид ба стандартизатсия) дурустии стандартҳои истинодӣ ва таснифкунандагонро дар каталоги “Ҳуҷҷатҳои стандартизатсия” дар соли ҷорӣ ва феҳристи дахлдори иттилоотии давра ба давра нашршаванда, ки дар соли ҷорӣ чоп мешаванд, санҷидан аз манфиат холӣ нест. Агар ҳуҷҷати истинод иваз карда шавад (тағйир дода шавад), пас ҳангоми истифодаи ин стандарт, шумо бояд ҳуҷҷати ивазшуда (тағйирдодашуда) -ро ба инобат гиред. Агар ҳуҷҷати истинодшуда бе иваз кардан лағв (бекор) карда шуда бошад, пас аз муқаррароти санаде, ки ба ҷои истинод пешниҳод гардидааст, истифода бурда шавад. Ин санад қисман, ба он дараҷае татбиқ мешавад, ки ин истинод ба он таъсир нарасонад.

**3. Истилоҳот ва таърифҳо**

Дар стандарти мазкур истилоҳоти зерин бо таърифҳои дахлдори худ истифода мешаванд:

3.1 Системаҳои электронии интиқоли никотин (СЭИН): дастгоҳҳо (аз ҷумла, сигорҳои электронӣ), ки ба таври электронӣ (батареяҳо) моеъи СЭИН-ро барои тавлиди аэрозол, ки аз он истеъмолкунанда нафас мегирад, гарм мекунанд. Дастгоҳҳои истифодашаванда вобаста ба намуди сохторашон метавонанд якдафъаина ё бисёркарата бошанд.

Эзоҳ. Намуд ва сохти СЭИН дар фасли 4.1.2 шарҳ дода шудаанд.

3.2 Бастабанди (борпечи) истеъмолӣ: Воҳиди ҳадди ақали баста, ки дар он моеъи СЭИН ба истеъмолкунанда фурӯхта мешавад.

3.3 Картриҷ (зарф, резервуар, флакон)-и навъи кушода: зарфе бо моеъ барои СЭИН, ки барои худпур кардани моеъи никотиндор аз ҷониби истифодабарандаи СЭИН пешбинӣ шудааст, такроран истифодашаванда, пас аз аввалин маротиба кушодан, метавон онро то ба охир истифода бурдани моеъи дохилаш борҳо кушодану пӯшидан, ҳангоми истифодабарӣ хосиятҳои муҳофизатии баста (зарф, резервуар, флакон) нигоҳ дошта мешаванд.

3.4 Картриҷ (зарф, резервуар, флакон) –и намуди пӯшида: зарфе бо моеъ барои СЭИН, ки аз ҷониби истеҳсолкунанда бо роҳи саноатӣ пур карда мешавад, истифодабариаш якдафъаина буда, барои бори дуюм пур кардан бо моеъи никотиндор пешбинӣ нашудааст.

3.5 Тамокуи электронии истифодабариаш якдафъаина: СЭИН-и якдафъаина, ки аз ҷониби истеҳсолкунанда ба таври саноатӣ бо моеъи СЭИН пур карда мешавад ва қисми ҷудонашавандаи дастгоҳ ба ҳисоб меравад.

3.6 Ингредиент: модда ё омехтаи моддаҳое, ки дар мавриди истеҳсоли моеъ барои СЭИН истифода мешаванд.

3.7 Моеъи никотиндор (моеъ барои СЭИН): як намуди маҳсулоти никотиндор дар шакли моеъ, ки аз омехтаҳои никотиндор иборат буда, дар зарфҳои никотиндор (картриҷҳо, зарфҳо, контейнерҳо ва ғ.) ҷойгир карда шудааст, ё дорои намакҳои никотин дар ҳаҷми на камтар аз 0,1 мг / мл моеъ аст, барои истифода бурдан тавассути нафаскашӣ аз ҷониби истеъмолкунандаи аэрозоли дорои никотин таъин гардидааст, ки ҳангоми истифодабарии системаи электронии интиқоли никотин (СЭИН) ҳосил мешавад.

3.8 Омехтаи никотиндор: пуркунандаи моеъи никотиндори бетамоку, ки дорои никотин ё намакҳои никотинӣ дар ҳаҷми на камтар аз 0,1 мг/мл моеъ, бо истифодаи иловаҳо ё бидуни иловаҳо;

**4. Талаботи умумии техникӣ**

4.1 Хусусиятҳо

4.1.1 Моеъҳо барои СЭИН бояд мувофиқи талаботи ин стандарт аз рӯи нишондодҳои технологӣ ва дастурамалҳои истеҳсолкунанда барои як намуди мушаххаси маҳсулот, бо риояи талаботи бехатарӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар гардидаанд, истеҳсол карда шаванд.

4.1.2 Таснифи СЭИН

Аз рӯи тарзи истифодабарӣ СЭИН метавонад ба гурӯҳҳои зерин тақсим карда шавад:

- СЭИН-и истифодабариаш якдафъаина: дастгоҳе, ки барои истифодабарӣ тайёр аст, пешакӣ аз тарафи истеҳсолкунанда бо моеъ барои СЭИН пур карда шудааст ва барои пур кардан ё иваз кардани моеъ барои СЭИН пешбинӣ нашудааст;

- СЭИН-и истифодабариаш бисёркарата: дастгоҳе, ки барои иваз кардани моеъ барои СЭИН ё барои пур кардани зарфи моеъ барои СЭИН аз ҷониби истеҳсолкунанда пешбинӣ шудааст. Қисмҳои алоҳидаи СЭИН ва моеъ барои СЭИН мешавад, ки якҷоя бо СЭИН таъмин карда шаванд ва/ё алоҳида харидорӣ карда шаванд.

4.2 Талабот ба моеъ барои СЭИН

Моеъҳо барои СЭИН бояд дар таркиби худ на бештар аз 20 мг никотин ба 1мл моеъ барои СЭИН дошта бошанд.

4.3 Талабот ба ашёи хом

Барои истеҳсоли моеъ барои СЭИН, чунин ашёҳои хом истифода мешаванд:

- никотин, намаки никотин бо тозагии на камтар аз 98%;
- глитсерини тозашуда барои саноати хӯрокворӣ бо тозагии ҳадди ақал 94%;
- пропиленгликол бо тозагии на камтар аз 95%.

Истифода бурдани дигар ингредиентҳо ҳам, ки ба таркиби моеъ барои СЭИН зарар намерасонанд, мумкин аст.

4.4 Бастабандӣ

4.4.1 Моеъ барои СЭИН аз ҷониби истеҳсолкунанда ба таври саноатӣ дар картриҷҳо (резервуарҳо, зарфҳо, шишаҳо) ё бевосита дар сигорҳои электронии якдафъаина ҷойгир карда мешавад.

4.4.2 Картриҷҳо, резервуарҳо, зарфҳо, шишаҳои намуди кушода ё пӯшида, сигорҳои электронии якдафъаина бояд мутобиқи муқаррароти банди 6.2 мавҷуд набудани ихроҷи моеъро таъмин кунанд.

4.4.3 Ҳаҷми моеъ дар баста набояд зиёда аз:

- дар картриҷҳо (резервуарҳо, зарфҳо, флаконҳо)-и намуди пӯшида 2,5 мл.
- дар сигорҳои электронии якдафъаина 6,5 мл бошад.

4.4.4 Барои бастабандии истеъмолӣ ин маҳсулот истифода мешаванд:

- тамғакоғазҳо аз қуттиҳои картонӣ мутобиқи ГОСТ 7933;
- қуттиҳои картонӣ, коғазӣ ва маводи омехта мутобиқи ГОСТ 33781;
- контейнери картонии ҳамвор мутобиқи ГОСТ 9421;
- коғази бастабандӣ мутобиқи ГОСТ 8273;
- плёнкаи полимерӣ мутобиқи ГОСТ 26996;
- бастаи полимерии истеъмолӣ мутобиқи ГОСТ 33756.

Истифодаи дигар масолеҳи бастабандӣ, аз ҷумла, хориҷӣ, ки бехатарии маҳсулотро таъмин мекунанд, иҷозат дода мешавад.

4.4.5 Рӯйхати нуқсонҳои эҳтимолии имконпазири визуалии картриҷҳо (резервуарҳо, зарфҳо, шишаҳо) ва бастаи истеъмолӣ, инчунин, методологияи арзёбии чунин камбудиҳоро истеҳсолкунанда муқаррар мекунад.

4.5 Тамғагузорӣ

4.5.1 Ба бастаи истеъмолии моеъ барои СЭИН аломатҳои зерин гузошта мешаванд:

- номи маҳсулот;
- ном ва суроғаи истеҳсолкунанда;
- ном ва суроғаи ташкилоте, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаасту даъвоҳои истеъмолкунандагонро қабул менамояд;
- миқдори никотин дар таркиби моеъ (мг/мл)

Эзоҳ - Барои моеъҳои дорои никотин аз 0,1 то 1 мг / мл миқдори никотин дар бастаи истеъмолӣ вазарфҳои шишагин то нуқтаи даҳии наздиктарин аниқ нишон дода мешавад. Барои моеъҳое, ки миқдори никотин аз 1 мг / мл зиёд аст, миқдори никотин дар бастаи истеъмолӣ ва зарфҳои шишагин дар намуди пурраи арзиши ададӣ нишон дода мешавад. Моеъи миқдори никотинаш камтар аз 0,1 мг/мл бе никотин ҳисоб карда мешавад ва таркиби никотин дар бастаи истеъмолӣ ҳамчун сифр - 0 мг/мл нишон дода мешавад.

– санаи истеҳсол, инчунин, муҳлати истифода ва (ё) шартҳои нигоҳдорӣ, агар чунин муҳлат ва (ё) шартҳои нигоҳдориро истеҳсолкунанда муайян карда бошад;

- навиштаҷот: «Фурӯш ба шахсони то 18-сола манъ аст»;
- ҳаҷми моеъ (мл);
- нишондод барои нигоҳдорӣ дар ҷои дастнорас барои кӯдакон (масалан, дар шакли навиштаҷоти: «Аз кӯдакон эҳтиёт кунед!»);

4.5.2 Дар ҳолати имконнопазир будани гузоштани нишондод барои нигоҳдорӣ, ки дар банди 4.5.1 ба бастаи истеъмолӣ пешбинӣ шудааст, маълумоти зикршуда бояд дар варақаи иттилоотие, ки дар бастаи истеъмолӣ замима шудааст ё ҳангоми ба истеъмолкунанда фурӯхтан ба маҳсулот замима карда мешавад.

4.5.3 Илова бар ин, дигар маълумоти боэътимоде, ки истеъмолкунандаро дар бораи маҳсулот ва истеҳсолкунандаи он ба нофаҳмӣ намебарад, метавонад дар бастаи истеъмолӣ, картриҷ (резервуар, зарф, шиша) ё варақаи иттилоотӣ ҷой карда шавад.

4.5.4 Маълумот дар бастаи истеъмолӣ бояд ҳатман равшан ва фаҳмо ҷой карда шавад ва осон хонда шаванд. Маълумоти сабтшуда бояд ҳангоми нигоҳдорӣ, интиқол ва фурӯш тағйир наёбад, яъне хоно бошад.

4.5.5 Маълумоте, ки дар бандҳои 4.5.1 ва 4.5.3 оварда шудаанд, бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ сабт мешаванд. Матне, ки ба тамғаи молии ба қайд гирифташуда ё намунаи саноатӣ дахлдор, бо забони бақайдгиранда навишта мешавад.

4.5.6 Маълумоте, ки дар бастаи истеъмолӣ (варақаи иттилоотӣ) сабт шудааст, набояд маҳсулоти хӯрокворӣ, доруворӣ, рустаниҳои шифобахшро тасвир созад ва ҳамчунин, калимаҳо ё ибораҳоеро дар бар гирад, ки бавосита ё бевосита ассотсиатсияҳои моеъҳои никотиндорро дар картриҷ (резервуар, зарф, шиша) дар намуди кушода ё пӯшида ба вуҷуд меоранд, аз ҷумла, сигорҳои электронии якдафъаинаро бо маҳсулоти хӯрокворӣ, дору ё растании доруворӣ.

4.5.7 Бояд ба бастаи маҳсулоте, ки бо нақлиёт интиқол дода мешавад, маълумоти зерин ҳатман сабт шавад:

- номи маҳсулот;
- ном ва суроғаи истеҳсолкунанда;
- маълумот дар бораи шумораи маҳсулот;
- ҳаҷми умумии моеъи дар бастаҳои истеъмолӣ мавҷудбуда, ки дар бастаи нақлиётӣ ҷойгиранд.

Дар бастаи нақлиётӣ метавон маълумоти ҳақиқии иловагиро сабт кард.

4.5.8 Бастаи нақлиётӣ бояд мустаҳкам бошад ва маҳкам баста шавад, то ки бехатарии маҳсулот ҳангоми интиқол ва нигоҳдорӣ таъмин карда шавад.

**5 Қоидаҳои қабул**

5.1 Моеъ барои СЭИН ё сигорҳои электронии истифодабариашон якдафъаина гурӯҳӣ, тӯдавӣ, яъне бо миқдори муайян қабул карда мешавад. Гурӯҳ, тӯда ё як миқдори муайяни моеъ барои СЭИН-и як номгӯй, як намуди бастабандии бо як ҳуҷҷат мураттабшуда партия фаҳмида мешавад.

5.2 Барои назорати сифати моеъ барои СЭИН, интихоби намунаи маҳсулот аз рӯи талаботи ГОСТ ISO 2859-1 гузаронда мешавад. Аз як гурӯҳ ба таври намунавӣ 10 адад бастабандии нақлиётӣ (қуттиҳо) таваккал интихоб карда мешавад. Агар гурӯҳ (партия) аз 10 қуттӣ камтар бошад, ҳамаи қуттиҳо ба намуна дохил карда мешаванд.

5.3 Агар сифати маҳсулоти намунавӣ ба талаботи стандарти мазкур ҷавобгӯ бошад, ҳамаи маҳсулоти гурӯҳ (партия) қабул карда мешавад,

5.4 Натиҷаҳои санҷиши маҳсулот барои таркиби никотин бояд дар ҳудуди 20% аз нишондоди дар баста сабт шуда бошад, вале на камтар аз +0,1 мг/см³ барои моеъҳои консентратсияи никотин то 1 мг/см³ ва на камтар аз +1 мг/см³ барои моеъҳои консентратсияашон 1 МГ/см³ ва аз он зиёдтар.

5.5 Ҳангоми гирифтани натиҷаҳои манфии санҷиш, аз нав намунагирӣ гузаронда мешавад. Натиҷаҳои санҷиши такрорӣ ба тамоми миқдори маҳсулот (партия) дахл доранд.

**6 Усулҳои санҷиш**

6.1 Гирифтани намуна

6.1.1 Аз намунае, ки мутобиқи банди 5.2 интихоб карда шудааст, барои ташаккули намунаи лабораторӣ дар ҳаҷми на камтар аз 20 воҳид, аз ҳар қуттӣ ду воҳиди маҳсулот аз бастаи истеъмолӣ ба таври таваккал интихоб карда мешавад.

Агар барои гузарондани ҳама санҷишҳо 20 адад маҳсулот нокифоя бошад, шумораи ашё барои таҳлилу санҷиши лабораторӣ бо риояи принсипҳои интихобӣ зиёд карда мешавад.

6.1.2 Аз намунаҳои лабораторӣ аз рӯи принсипи таваккал кардан намунаҳо барои санҷиш оид ба муайян кардани ихроҷи моеъ ва оид ба муайян кардани миқдори никотин дар моеъ барои СЭИН гирифта мешаванд.

Барои муайян кардани ихроҷи моеъ 10 воҳиди маҳсулот ва барои муайян кардани никотин панҷ воҳиди маҳсулот интихоб карда мешаванд. Агар ҳаҷми умумии моеъи панҷ адад маҳсулот барои иҷрои санҷишҳои банди 6.3.6 нокифоя бошад, шумораи ашёи маҳсулот дар намунаи санҷишӣ зиёд карда мешавад.

6.2 Муайян кардани ихроҷи моеъ

6.2.1 Мавод

6.2.1.1 Коғази филтри лабораторӣ мутобиқи ГОСТ 12026.

6.2.1.2 Санҷиши ҳиссаи (қисм, порс) қуттиҳо, бастаҳо, зарфҳо ва СЭИН, ки бо моеъ барои СЭИН бо роҳи саноатӣ пур карда шудааст, барои мавҷудияти ихроҷи моеъ дар ҳарорати (22 ± 2) ºС дар ҳамон шакле, ки онҳо дар бастаи истеъмолӣ буданд, анҷом дода мешавад, бе ягон фиребу кушодани иловагӣ.

6.2.3 Гузарондани санҷиш

6.2.3.1 Санҷишҳо дар 10 воҳиди маҳсулот, ки бо тарзи саноатӣ бо моеъ пур карда шудаанд (дар бастаҳои ҳиссагӣ, якпорсӣ, СЭИН ё зарфҳо), ки аз намунаи лабораторӣ ба таври таваккалӣ интихоб карда мешаванд, гузаронда мешавад.

6.2.3.2 Намунаҳои интихобшудаи маҳсулот ба таври уфуқӣ дар коғази филтрӣ ҷойгир карда мешаванд (ба истисноии ҳолатҳое, ки истеҳсолкунанда нигоҳдорӣ ва истифодаи СЭИН-ро дар ҳолати уфуқӣ манъ кардааст) ва ду соат нигоҳ дошта мешаванд, сипас дар коғази филтрӣ мавҷуд будан ё набудани доғҳо ва дигар нишонаҳои ихроҷи моеъ ва маҳсулот тафтиш карда мешавад.

6.2.3.3 Агар бастаи қисм (ҳисса, порс) ё зарф (контейнер)-е, ки моеъ дораду дар дохили СЭИН ҷойгир карда шуда бошад ва дар байни коғаз ва ин ҷузъ тамос набошад, пас аз анҷоми санҷиш баҳодиҳии визуалӣ барои осори ихроҷи моеъ мустақиман дар ҳамин қисми маҳсулот анҷом дода мешавад ё дар зарф (контейнер) бе вайрон кардани яклухтии СЭИН.

6.2.3.4 Агар мувофиқи муқаррароти варақаи иттилоотӣ нигоҳдорӣ ва истифодабарии СЭИН дар ҳолати уфуқӣ иҷозат дода нашавад, ба таври визуалӣ тафтиш кунед, ки дар СЭИН аломатҳои ихроҷи моеъ вуҷуд надоранд.

6.3 Муайян кардани миқдори никотин дар моеъ барои СЭИН

6.3.1 Моҳияти усул 598

Ин усул ба истихроҷи никотин аз маҳлули ишқордор бо экстрагент ва муайян кардани миқдори никотин тавассути хроматографияи газу моеъ бо детектори ионизатсияи оташ асос ёфтааст.

6.3.2 Асбобҳои андозагирӣ (ченкунӣ), таҷҳизоти ёрирасон, зарфҳо ва реактивҳои Хроматографияи газ бо детектори ионизатсияи шуълаи оташ, асбоби сабткунанда ё интегратор.

Колонкаи шинондашуда (Сутуни печонидашуда) ё капиллярӣ барои ҷудо кардани миқдори зарурии никотин ва дигар ҷузъҳои алоқаманд, имкон фароҳам меорад.

Афшонандаи электромеханикӣ аз рӯи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ.

Тарозуи лабораторӣ бо нишондиҳандаи хатоии эҳтимолӣ то вазни 0,1 мг.

Микросӯзани навъи MSH-10 барои 10 мкл ё ба ин монанд.

Колбаҳои конусшакл бо шлифи (қисми борики) зарфияташ 100 см³ мувофиқи ГОСТ 25336 ё мувофиқи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ.

Колбаҳои ченкунанда бо шлифи (қисми борики) зарфияташ 10 см³, 1000 см³ мувофиқи ГОСТ 1770 ё мувофиқи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ.

Обчаконҳои ченкунанда тибқи ГОСТ Р ISO 1769 ё тибқи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ.

Пробиркаҳои ченкунанда бо пӯки соида тиққондашуда барои 15 - 20 см³ мувофиқи ГОСТ 1770 ё тибқи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ.

Газ - интиқолдиҳанда: гелий (CAS: 7440-59-7) ё нитроген (CAS: 7727-37-9) (ҳадди ақалли тозагӣ на кам аз 99,995%).

Газҳои иловагӣ: ҳаво ва гидрогени (CAS: 1333-74-0) тозагиаш баланд (барои детектори ионизатсияи оташафрӯз).

Оби тозашуда (дистиллӣ) мутобиқи ГОСТ 6709 ё об барои таҳлили лабораторӣ мувофиқи ГОСТ Р 52501. Истифодаи оби деионизатсияшуда низ, иҷозат дода мешавад.

Стандарти дохилӣ: н-гептадекан (CAS: 629-78-7) ё хиналдин (CAS: 91-63-4) (ҳадди ақалли тозагӣ на кам аз 98%).

Гексан, аз ҷиҳати химиявӣ тоза

Гидрооксиди натрий мувофиқи ГОСТ 4328.

Моддаҳои стандартӣ: никотини салитсилати (ҳадди ақали тозагӣ на кам аз 98%) ё никотин (ҳадди ақали тозагӣ на кам аз 98%).

Эзоҳ - Пеш аз оғози кор, реактивҳо, экстрагент ва маҳлулҳое, ки дар ҳарорати паст нигоҳ дошта мешаванд, пеш аз истифода бояд на камтар аз ду соат дар шароити лабораторӣ: t = (22 +/- 2) ° C нигоҳ дошта шаванд.

Истифодаи дигар асбобҳои ченкунӣ, таҷҳизоти ёрирасон ва асбобҳое, ки сифаташон аз асбобҳои зикршуда паст нестанд ва дурустии зарурии ченкуниро таъмин мекунанд, иҷозат дода мешавад, ҳамчунин, реактивҳои сифаташон на камтар аз реактивҳои дар боло зикршуда.

6.3.3 Шароит барои хроматография

Шароит барои хроматография бояд тақсимоти шумориви дараҷаҳои стандарти дохилӣ, никотин ва дигар ҷузъҳои ба он алоқамандро таъмин намояд.

6.3.3.1 Шароити тавсияшавандаи хроматографӣ барои колонкаи шинондашуда (насадочный):

- дарозии колонка 2,0 м, диаметри дарунӣ 3 мм;
- марҳилаи статсионарӣ: Carbowax 20M-и 10%-а (ё полиэтиленгликол 20000) бо гидрооксиди калийи 2 фоиза дар Chromation N-AW (ё хроматон) 80-100 фоиза;
- ҳарорати колонка - 170 ° C;
- ҳарорати инжектор - 250 °C;
- ҳарорати детектор - 250 °C;
- сарфи газ: гази интиқолдиҳанда - гелий - 40 см³/дақ;

гидроген - 30 см³/дақ;

ҳаво — 20 см³/дақиқа.

Давомнокии таҳлил - 10 дақиқа.

6.3.3.2 Шароитҳои тавсияшавандаи хроматографӣ барои колонкаи чакрагӣ (капиллярӣ):

- дарозии колонка-60 м, диаметраш - 0,320 мм, ғафсии плёнкаи фазавӣ - 0,25 мкм;
- марҳилаи статсионарӣ - DB WAX;
- ҳарорати колонка - 155 °C;
- ҳарорати инжектор - 300 °C;
- ҳарорати детектор - 300 °C;
- сарфи газ: гази интиқолдиҳанда - нитроген - 8 см³/дақ;

гидроген - 30 см³/дақ;

ҳаво — 300 см³/дақиқа.

Давомнокии таҳлил - 10 дақиқа.

6.3.3.3 Колонкаҳои алтернативии хроматографӣ:

Колонкаҳои шинондашуда (сутунҳои печонидашуда) метавонанд шишагӣ, пӯлодӣ ё никелӣ, бо дарозии аз 1,5 то 2 м бо диаметри дарунӣ аз 2 то 4 мм бошанд. Марҳилаҳои статсионарӣ:

- 2% - аи (2 фоизаи) Версамид 900 ҷамъи гидрооксиди калийи 1%-а ё,
- 7% - аи (7 фоизаи) полиэтиленгликоли 20000 бо эфири полифенили 3% -а (бо узви шашгона) ё,
- 7% - аи (7 фоизаи) полиэтиленгликоли 20000 (бо гидрооксиди калийи коркардшуда ё коркард нашуда).

Колонкаҳои чакравӣ (капиллярӣ), дарозиашон аз 15 то 50 м, диаметри дохилиашон аз 0,2 то 0,53 мм ва ғафсии плёнка аз 1 мкм то 100 мкм аст. Марҳилаҳои статсионарӣ: CP-Sil 8 CB, DB-17, DB-ALC1.

Эзоҳ - Шароити хроматографиякунониро бо мақсади беҳтар ҷудо кардани қисмҳои (ҷузъҳои) омехта тағйир додан мумкин аст.

6.3.4 Омодагӣ ба санҷиш

6.3.4.1 Тайёр кардани маҳлулҳои корӣ

Маҳлули истихроҷ (ҷудокунӣ, экстрагент)

Ба колбаи ченкунии 1000 см³ (бо ёрии гексан) як қисми хиналдини стандарти дохилӣ ё н-гептадекан (0,500 г)-ро то нишонаи зарурӣ гузаронда, бодиққат омехта кунед.

Маҳлули гидрооксиди натрий бо консентрати (NaOH) = 8 мол/дм³

Як қисми гидрооксиди натрийро, ки вазнаш 320 г аст, дар оби соф ё об барои таҳлили лабораторӣ дар колбаи ҳаҷми ғунҷоишаш 1000 см³ маҳлул бояд кард, сипас, маҳлулро соф намуда, онро бо оби соф ё об барои таҳлили лабораторӣ дар андозаи муайяншуда баробар намуда, омехта менамоянд.

Маҳлули аввалияи стандартии никотин (бо консентратсияи 2,5 мг/см³).

Як порча салитсилати никотинии 0,1852 г (ё 100 мг никотин)-ро бо дақиқии 0,1 мг бар кашида, дар колбачаи конусии ҳаҷми ғунҷоишаш 100 см³ гузошта, ба он 20 см³ оби соф ё об барои таҳлили лабораторӣ илова карда мешавад, баъд 40 см³ маҳлули экстрагирӣ ва 10 см³ гидрооксиди натрий рехтан даркор. Омехтаи дуфазавии ҳосилшударо дар дастгоҳи ларзандаи электромеханикӣ як соат ҷунбондан даркор. Пас аз ларзиш, омехтаро то пурра ҷудо шудани фазаҳо ором мемонанд, фазаи органикиро ба зарфи шишааш сиёҳ андохта бо пӯки соидашуда ё сарпӯши тобхӯранда маҳкам мекунанд, ки то хроматография дар ҳарорати аз 4 то 10°C нигоҳ дошта мешавад.

Маҳлулҳо барои ченаки калибр:

Дар пробиркаҳои ченакдор ё колбаҳои ченакдор дар ҳаҷми 10 см³ –и дорои пӯкҳои соидашуда миқдори гуногуни (0,25 см³; 0,50 см³; 1,0 см³; 2,0 см³; 4,0 см³) маҳлули ибтидоии стандартии никотинро ҷой карда, маҳлули дохили пробиркаро то ба ҳаҷми 10 см³ маҳлули экстрагирӣ расонда, бо диққат омехта кардан даркор. Маҳлулҳои ҳосилшудаи никотиндор аз 0,0625 мг/ см³ то 1,0 мг/ см³ барои сохтани графики калибрченкунӣ истифода мешаванд. Ҳаҷм ва консентратсияи маҳлулҳоро дар ҳолати зарурӣ барои нигоҳ доштани дақиқӣ тағйир додан мумкин аст.

6.3.4.2 Сохтори графики калибрченкунӣ

Қисми аликвоти (1 мм³ ё 2 мм³) ҳар як маҳлули калибрӣ ба бухоркунанда (инжектор)-и хроматографи газӣ ворид карда мешавад. Майдони қуллаҳо (ё баландиҳои) никотин ва стандарти дохилӣ ба қайд гирифта мешаванд. Ҳар як маҳлули калибрченкунӣ на камтар аз ду маротиба таҳлил карда мешавад. Маҳлулҳои калибрченкунӣ, агар лозим шавад, дар ҷои торик дар ҳарорати аз 4 то 10°C нигоҳ дошта мешаванд.

Сохтори графики калибрченкунӣ мувофиқи дастурҳо ва барномаи хроматографи истифодашуда анҷом дода мешавад. Графикаи калибрченкунӣ бояд хаттӣ бошад ва хатти регрессия бояд аз ибтидои хатти координатӣ гузарад.

6.3.5 Омодасозии намунаҳо барои ташхис

Аз намунаи санҷишӣ (мувофиқи банди 6.1.2) намунаҳо барои ташхис омода карда мешаванд. Бастабандии маҳсулотро мекушоянд, моеъро ба як зарф мерезанд, омехта мекунанд. Ҳаҷми умумии моеъ бояд барои муайян кардани зичии миқдори зарурии маҳсулот қонеъкунанда бошад. Вобаста ба методи интихобшудаи ташхис тибқи банди 6.3.7.2 омода кардани ду намунаи мувозӣ барои ташхис кифоя мебошад.

Ду намунаи параллелӣ барои ташхис омода карда мешавад: намунаи моеъ (1000 мг) дар колбачаи конусшакли дорои пӯки соидашуда (иқтидораш 100 см³) гузошта шуда, 10 см³ оби софи дистилятсионӣ ё об барои таҳлили лабораторӣ ҳамроҳ карда мешавад, ҳамчунин, 20 см³ маҳлули экстрактсионӣ илова карда мешавад, ба маҳлули омехта 5 см³ маҳлули гидрооксиди натрий илова карда, дар дастгоҳи ларзонандаи электромеханикӣ дар тули 1 соат меҷунбонанд.Баъди анҷом ёфтани ларзондани зарф, яъне колба онро барои таҳшин шудан ва ҷудо кардани фазаҳо ором нигоҳ медоранд. Қисми болоии фазаи гексанӣ (1-2 см³) бо ёрии чакрачакконак – дозатор ба зарфҳои сиёҳшиша ҷой карда, баъд хроматография гузаронда мешавад.

6.3.6 Гузарондани ташхиси хроматографии газ

Як намунаи аликвотии экстракт (1 мм³ ё 2 мм³) ба бухоркунанда (инжектор)-и хроматографии газ ворид карда мешавад. Дар охири ташхис маълумот дар бораи миқдори никотин дар намунаи ташхисшуда (мг/ см³) гирифта мешавад.

Агар миқдори никотин дар моеъ барои системаи электронии интиқоли никотин барои графики калибрӣ охирин ба ҳисоб равад, ҳиссаи моеъро кам ё зиёд менамоянд, то ки арзиши дар дохили графики калибрченкунӣ бударо ба даст оваранд.

6.3.7 Коркарди натиҷаҳо

6.3.7.1 Ҳисоб кардани миқдори никотин дар моеъ барои системаҳои электронии интиқоли никотин. Ҳисоб кардани миқдори никотин аз рӯи формула анҷом дода мешавад

$$N = \frac{X \cdot V \cdot \rho}{P} \cdot 1000, \quad (1)$$

ки дар он N - миқдори никотин дар моеъ барои СЭИН, мг/ см³;

X - микдори никотин, ки бо графики калибрченкунӣ ё муодилаи регрессия муайян карда мешавад, мг/ см³;

V - ҳаҷми экстрагенти ба моеъ барои системаҳои электронии никотин воридшаванда, см³ (20 см3);

Р - зичии моеъ барои системаҳои электронии интиқоли никотин, г/ см³;

Р - моеъи баркашида барои системаҳои электронии интиқоли никотин, мг.

6.3.7.2 Ҳисоб кардани зичии моеъ барои системаҳои электронии интиқоли никотин тибқи формула анҷом дода мешавад.

$$\rho = \frac{M_{\text{ср}}}{V_1}, \quad (2)$$

ки дар он Мср мафҳуми миёнаи арифметикии 5 муайянкунандаи массаҳои баробари (5 см³ ё 10 см³) ҳаҷми моеъ барои системаҳои электронии интиқоли никотин, г. мебошад;

V1 - ҳаҷми моеъ барои системаҳои интиқоли электронии никотин, см³ (5 см³ ё 10 см³).

Зичии моеъро барои системаҳои интиқоли электронии никотин метавон бо истифода аз ченаки зичӣ бо дақиқии на камтар аз 0,01 г/ см³ муайян кард. Дар ин ҳолат, таҳлилу ташхис камаш ду маротиба такрор карда мешавад. Натиҷаи муайянкунӣ дар мг/ см³ бо дақиқии 0,01 мг/ см³ ифода карда мешавад. Натиҷаи ниҳоӣ ҳамчун миёнаи арифметикӣ ҳадди ақал аз натиҷаи ду муайянкунандаи мувозӣ (параллелӣ) бо дақиқии 0,1 мг/см³ гирифта мешавад.

6.3.8 Монандӣ ва такроршавандагӣ

Монандӣ ва такроршавандагии метод мутобиқи банди (1) муайян карда шудааст.

Ҳангоми дуруст истифода бурдани метод, фарқияти байни ду натиҷаи муайянкардаи як оператор дар як асбоб дар фосилаҳои кӯтоҳтарини вақт набояд аз арзиши такроршавандагии r. зиёд бошад. Натиҷаҳои ташхис (муайянкунӣ), ки ба воситаи ду лаборатория аз рӯи намунаҳои якхелаи моеъҳо барои СЭИН ба даст оварда шуданд, ҳангоми дуруст истифода бурдани метод набояд аз аҳамияти такрористеҳсолкунӣ (R) зиёд бошанд.

Аҳамияти такроршавии r ва такрористеҳсолкунии R дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

| Миқдори миёнаи никотин, мг/ см³ | Такроршавӣ r | Такрористеҳсолкунӣ R |
|---|---|---|
| 1,97 | 0,065 | 0.266 |
| 3.862 | 0,125 | 0,518 |
| 5,887 | 0,134 | 0,557 |
| 8.695 | 0,286 | 0,709 |
| 13.504 | 0,304 | 1.334 |

**7 Суратҳисоби (протоколи) санҷишӣ**

7.1 Суратҳисоби санҷишӣ бояд ба методҳои муайянкунӣ (мувофиқи банди 6.2 ва 6.3) ва натиҷаҳои бадастомада истинод дошта бошад. Дар он бояд ҳама гуна аз дур шуданҳо аз меъёри шартҳои дар стандарти мазкур муқарраршуда, инчунин, ҳама ҳолатҳое, ки метавонанд ба натиҷаҳо таъсир расонанд, инъикос шаванд.

7.2 Суратҳисоби санҷиш бояд маълумоти заруриро барои муайян кардани ҳаммонандии (идентификатсияи) намуна дар бар гирад:

- намуди маҳсулот;
- номи маҳсулот;
- намуди бастабандӣ;
- ҳаҷми моеъ дар бастабандӣ;
- маълумот дар бораи интихоби намуна;
- мақсади санҷишҳо;
- маълумот дар бораи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ.

**8 Интиқол ва нигоҳдорӣ**

8.1 Маҳсулот бо ҳама воситаҳои нақлиёт тибқи қоидаҳои ҳамлу нақли бор, ки барои намуди дахлдори нақлиёт амал мекунанд, интиқол дода мешавад.

8.2 Бастаҳои нақлиётӣ бо маҳсулот дар воситаҳои нақлиёт бояд тавре ҷойгир карда шаванд, ки ба тағйир ёфтани шакли (деформатсияи) қуттиҳои қабатҳои поёнӣ роҳ надиҳад.

8.3 Ҳангоми нигоҳдорӣ, токчаҳо бояд тавре сохта шаванд, ки тағйир ёфтани шакли (деформатсияи) қабатҳои поёниро пешгирӣ кунанд.

8.4 Илова бар ин, истеҳсолкунанда метавонад талаботро барои нигоҳдорӣ ва интиқоли маҳсулот муқаррар намояд.

**9 Талаботи бехатарӣ ҳангоми истеҳсоли СЭИН**

9.1 Иншоот бояд бо ҳавокашҳои дохилӣ ва берунӣ таъмин бошад, коргарон бо либосҳои махсуси корӣ, таҷҳизоти муҳофизатии инфиродӣ ва доруқуттиҳои ёрии таъҷилӣ таъмин карда шаванд. Ба кор шахсоне иҷозат дода мешаванд, ки аз муоинаи ҳатмии тиббии ҳарсола гузаштаанд.

# МО ҶАВОНОН ПАЙРАВОНИ ПЕШВОИ МИЛЛАТЕМ

**Мо ҷавонони саодатманди тоҷик, зодагони даврони соҳибистиқлолии кишвари маҳбубамон аз муҳаббату самимияти беандозаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста баҳравар буда, пайрави ҳамешагии ин шахсияти беназир дар роҳи созандагиву бунёдкории Ватани биҳиштосоямон - Тоҷикистони азиз то абад боқӣ мемонем.**




Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудаанд: «Ҷавонон бояд номбардори ниёгони хирадманд, сулҳпарвар, эҷодкор ва баору номуси миллат бошанд». Моҳияти ин нуктаҳои муҳими таъкид намудаи Президенти мамлакат, пеш аз ҳама, дар ҷалби ҷавонон барои пайваста дар роҳи илму ҳунар ва дониш, инчунин, ҳувияти баланди миллӣ доштан далолат мекунад. Махсусан, таблиғи насли наврас ба омӯзиши мероси таърихӣ, ташаккули худшиносиву худогоҳии миллӣ аз таваҷҷуҳи хоси мақомоти раҳбарии кишвар ба эҳёву шинохти арзишҳои миллӣ сарчашма мегирад.

Мо ҷавонон сиёсати хирадмандонаву дурандешона ва бунёдкоронаи Пешвои миллатро пайравӣ намуда, дар таҳкими истиқлол, пойдории сулҳу ваҳдат, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва пешрафту тараққиёти давлат арҷ гузошта, бо донишу маърифат, ҷаҳонбинии васеъ ва заковати баланди худшиносию ватанпарастӣ барои ба кишварҳои мутамаддин баробар гардидани Тоҷикистони азиз саҳми арзанда мегузорем.



Боиси сарфарозист, ки ҳамин гуна нигоҳ ба таъриху фарҳанг ва арзишҳои маънавии гузашта дар ҷомеаи мо миёни ҷавонон сол аз сол тавсеа пайдо менамояд. Ин аз он дарак медиҳад, ки сиёсати маънавибунёди Пешвои миллат барои тарбияи фикриву маънавии насли ҷавон нақши рӯшан мегузорад.

Хушбахтии мо ҷавонон дар он аст, ки дар фазои сулҳу суботи комил, тараннуми якдиливу якпорчагии Ватани маҳбуб, таҳкими давлатдории навини миллӣ ва марҳилаи рушди устувор ва босуботи ҷомеа умр ба сар бурда, баҳри амалӣ намудани сиёсати дурандешона ва муваффақонаи Пешвои миллат, ки рамзи иттиҳоди сарҷамъӣ ва саодату осудагии ҳар як сокини кишвар мебошад, камари ҳиммат баста, ҳамеша дар сафи пеши соҳибватанон қадамҳои устувор мегузорем.

Мо ҷавонон ваъда медиҳем, ки он дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сармашқи кори худ қарор дода, кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки сазовори боварии Пешвои ҷавонпарвари миллатамон бошем.

***Ҳикматулло Бегов,***
***мудири озмоишгоҳи ташхисии таҷҳизоти барқии Раёсати таъминоти метрологӣ***

# Мавқеи зан дар ҷомеа

***Занони бо нангу номус дар оғози истиқлол обрӯ ва шарафи мамлакатро ҳифз намуданд ва ба муқобили ноадолатиҳои ҷомеа мисли гурдофаридҳо ба қиём баромаданд, дар таҳкими давлат ва ваҳдати миллӣ ҳиссаи хешро гузошта, дар мубориза бар зидди афроди тундрав, хурофотпараст ва шахсони дорои ақидаҳои нопок аз худ ҷасорату мардонагӣ нишон доданд ва номуси ватандориро баробари иффати хеш муқаддасу муқадир ҳифз намуданд.***

***Эмомалӣ Раҳмон***

Дар баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беназир аст. Солҳои охир теъдоди занони мутахассису соҳибтаҷриба дар зинаҳои мухталифи ҳокимият, мақомоти олии қонунгузор, ҳокимияти судиву иҷроия ва тамоми сохтору мақомоти давлативу ҷамъиятӣ торафт афзоиш ёфта, онҳо дар рушду пешрафти самтҳои гуногуни ҷомеа саҳми воқеии худро гузошта истодаанд. Мавриди зикр аст, ки мустақилияти иқтисодии занон ва бо шуғл таъмин будани онҳо яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани нақш ва мақоми зан дар ҷомеа маҳсуб меёбад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша дар паёмҳо, мулоқотҳо ва суханрониҳояшон масъалаи боло бурдани мақоми зан дар ҷомеа ва бо шуғли пурмаҳсул фаро гирифтани онҳоро ба миён мегузоранд, ки мояи сарафрозии мо, занон аст. Мо шукрона ва ифтихор мекунем, ки дар чунин давлати орому осудаи ҳуқуқбунёд зиндагӣ мекунем ва чунин Сарвари мушфиқу ғамхор дорем.

Боиси хушнудист, ки дар бунёди ҷомеаи демокатии Тоҷикситони соҳибистиқлол ба маърифати занону духтарон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад. Зеро зани маърифатнок метавонад бо заковату ҳушмандӣ на танҳо мавқеи пешоҳангӣ дошта бошад, балки ҷомеаро тарбият менамояд.

***Маҳина Холбоева,***
***котиби суд дар Суди ноҳияи Фирдавсӣ***

# РАҲО КАРДАНИ ОДАМОНРО ОМӮЗЕД



Ҳар қадар аламовар бошад ҳам, аксари вақт муносибатҳои одамон ба ҳиссиёт, таассурот, дастгирӣ вобаста аст. Ин гуна муносибат метавонад, пас аз дидани манфиати яке аз тарафҳо хотима ёбад.

Дар ин ҳолат шумо бояд сабр карданро ёд гиред ва одамонро раҳо карда тавонед.

Агар муошират бо касе аз байн равад, ин маънои онро надорад, ки касе аз шумо кори нодуруст кардааст, балки иштироки онҳо дар достони ҳаёти шумо ба охир расидааст.

***Равоншиносӣ***

НАЗОРАТ

# ТАЪМИН ВА НАЗОРАТИ БЕХАТАРИИ МАҲСУЛОТ ЯКЕ АЗ ПАҲЛУҲОИ ФАЪОЛИЯТИ АСОСИИ МОСТ



**Боиси ифтихор аст, ки бо шарофати роҳбарии хирадмандонаи сарвари давлатамон Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазъи иқтисодию иҷтимоии кишварамон имрӯзҳо рӯ ба беҳбудӣ ниҳода, дар соҳаҳои гуногуни ҳоҷагии халқи мамлакат дигаргуниҳои куллӣ ва пешрафтҳои арзанда ба назар мерасанд.**

Табиист, ки таваҷҷуҳи пайвастаи Сарвари давлат ба масъалаҳои рушди соҳибкории хурду миёна ва дастгирии бевосита аз секторҳои хусусӣ, минбаъд низ барои зиёд шудани сафи чунин ширкатҳои миллӣ, ки обурӯ ва эътибори ҷумҳурии тозаистиқлоламонро дар арсаи байналмилалӣ баланд мебардоранд, мусоидат хоҳад кард.

Тавре ки маълум аст, дар бозор аслан ба ҳамон маҳсулот талабот бештар аст, ки сифати хуб дорад, бехатар ва рақобатпазир аст ва ба табъу завқи истеъмолкунанда мувофиқ мебошад.

Маҳсулотеро бехатар номидан мумкин аст, ки ҳангоми истифодабарӣ, истеъмол барои саломатии инсон зараровар ва хатарнок набошад. Маҳсулоти хӯроквории пастсифат ва аз микробҳои касалиовар олудашуда метавонанд, сабабҳои пайдоиши касалиҳои сирояткунанда ва заҳролудшавии узвҳои ҳозима гарданд.

Аз ин рӯ, истеҳсолкунандагону соҳибкоронро зарур аст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯроквори», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ва Регламентҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намуда, дар ҳама марҳилаҳои истеҳсолӣ хатарҳоро бартараф карда, баҳри солимии ҷомеа амалӣ намоянд.

Хушбахтона, дар даврai соҳибистиқлолӣ бо таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳандозӣ намудани як қатор тадбирҳои мушаххас дар самти ҳимояи бозори истеъмолӣ аз воридоти маҳсулоти хӯроквории ба саломатӣ хатарнок ва пешгирии истеҳсоли маҳсулоти пастсифат дар ҷумҳурӣ аз ҷониби ниҳодҳои дахлдор корҳои назаррас ба анҷом расонида шудаанд. Аз ҷумла, аз муомилот баровардани маҳсулоти пастсифати хӯрокворӣ ва дигар маҳсулоти истеъмолие, ки ба саломатии аҳолӣ зараровар мебошанд, пешгирӣ шудаанд ва дар асоси ҳисоботи оморӣ воридоти ин навъи маҳсулот коҳиш ёфта, саҳми истеҳсолкунандагони ватанӣ дар таъмини бозори дохилӣ аз рӯи аксари номгӯи маҳсулоти хӯроквории сабади истеъмолӣ тамоюли рӯ ба афзоиш дорад.

Имрӯзҳо давлати тозаистиқлоли мо зина ба зина ба стандартизатсияи пешқадами ҷаҳонӣ васл шуда истодааст. Сиёсати пешгирифтаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёдкорона ва созанда мебошад. Ин иқдомро мо бояд бо дилу гарму рӯҳи болида, ифтихори миллию ҳисси ватандӯстӣ ва самимияти бепоён нисбат ба халқу Ватани хеш дастгирӣ намоем.



***Умар Нормуминзода,***
***сармутахассиси шуъбаи бамеъёрдарории техникӣ ва стандартонии МТМ дар ноҳияи Шаҳритус***

# ПАНДИ РӮЗГОР

Аз Афлотун ду савол пурсиданд:

— Кадом рафтори одамият шуморо ба ҳайрат меорад?

Афлотун гуфт:

Одамият аз кӯдакӣ ҳамеша орзуи хар-чӣ зудтар ба камол расиданро мекунад, вале пас аз бузург гаштан, кӯдакияшро ёд мекунад. Ҳамчунин, барои ба даст овардани сармоя саломатияшро аз даст медиҳад, вале боз барои баркарор кардани саломатӣ сармоя сарф мекунад. Ояндаашро фикр карда, имрӯзашро фаромӯш мекунад, вале дар охири умр мебинад, ки на имрӯз ва на ояндаашонро зиндагӣ накардааст. Ҳамон гунае ба сар мебарад, ки гӯё намиранда бошад, вале он гунае мемирад, ки гӯё ҳеҷ вақт дар ин олам назистааст.

Бори дигар ба Афлотун чунин савол доданд:

— Барои хушбахт зистан чӣ тавсия медиҳед?

— Ҳеҷ касро барои дӯст доштани худ маҷбур масозед! Агар сазовор бошед, бигзор худашон дӯстатон доранд! Вазифаи шумо ин аст, ки шахси лоиқи дӯст доштан бошед. Муҳим он нест, ки соҳиби чизи зиёд бошед, муҳим он аст, ки бо чизи андак эҳтиёҷро бартараф кунед...

# ИБРАТБАХШ






Баъд аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ дар кишвари мо соҳаи варзиш дар қатори дигар соҳаҳои гуногуни мамлакат рушду нумӯъ пайдо кард. Хусусан, бо таваҷҷуҳи хосса ва доимии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ба варзиш, хусусан, навъҳои варзиши миллӣ эҳтиром мегузоранд, дар даврони соҳибистиқлолӣ на танҳо рушд карданд, балки ба бисёр комёбиҳову дастовардҳо ноил гардиданд.

Самадзода Парвиз сармутахассиси шуъбаи бамеъёрдарории техникӣ ва стандартонӣ дар МТМ ноҳияи Шаҳритус, яке аз варзишгарони номдори кишвар аст, ки дар дастаи яккачини вилояти Хатлон дар риштаи гӯштини самбо ҳунарнамоӣ мекунад.

Хотиррасон бояд намуд, ки 13 майи соли равон Парвиз дар чемпионати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба гӯштини самбо аз номи вилояти Хатлон баромад намуд, ки дар он ҷойи дуюмро ишғол карда, соҳиби медали нуқра гардид. Ин ифтихори натанҳо кормандони МТМ дар ноҳияи Шаҳритус ва ё вилояти Хатлон аст, балки ифтихори Агентии Тоҷикстандарт аст.

Ин мусобиқа тӯли чанд моҳ буд, ки ҷараён дошт ва беҳтаринҳо ба давраи ниҳоӣ роҳ ёфта, соҳиби ҷойҳои намоён гардиданд. Бояд қайд намуд, ки Парвиз Самадзода яке аз варзишкорони сатҳи ҷумҳуриявӣ буда, дар мусобиқаҳои зиёд иштирок намудааст, ҳамзамон, соҳиби ҷойҳои намоён ва медалу ифтихорномаҳои бисёр гардидааст. Ҳамчунин, дар мусобиқаҳои байнамилалӣ низ иштирок ва ҳунарнамоӣ кардааст.

**ВАРЗИШ ИН ҶИСМИ СОЛИМ, РӮҲИ СОЛИМ ВА АҚЛИ СОЛИМ АСТ!**

## ЯК БАЙТ

*Тани чоки биёбонро таноби об медӯзад,*
*Муҳаббат мекунад моро ҷароҳатдӯзи сайёра.*

# ОЁ МЕДОНЕД?



Зарофаҳо метавонанд рост истода хоб кунанд ва ё сари худро ба баданашон пахш тақя кунонида, чашмонашон дар муддати кӯтоҳ баста шаванд. Ҷолиб он аст, ки онҳо дар як рӯз ҳамагӣ чанд дақиқа хоб мекунанд. Бинобар ин зарофаҳоро яке аз ҳайвонҳои бехобтарин дар сайёра мешиносанд.

x x x



Дар Чин таваққуфгоҳҳои махсус барои нақлиёти занон вуҷуд доранд, ки аз таваққуфгоҳҳои маъмулӣ васеътаранд. Ин боиси коҳиши шумораи садамаҳо ва осонтар шудани таваққуфи нақлиёт мегардад.

x x x

Морҳо метавонанд бе хӯрок муддати се сол бихобанд.

x x x

Дар дунё 100 намуди микроб мавҷуд аст, ки гулударҳро ба вуҷуд меорад.

# А Х Л О Қ

Рӯзе назари яке аз донишманди риёзидонро дар бораи инсоният пурсиданд.

Ҷавоб дод:

Агар инсон хоҳ зан ё хоҳ мард дорои (ахлоқ) бошанд, метавон онро ба адади 1 баробар донист.

Агар дорои (зебоӣ) ҳам бошанд пас баъди адади 1 метавон як сифрро илова кард, ки мешавад 10.

Агар (пул) ҳам дошта бошанд, дуто сифр, баъди адади як мегузорем, ки мешавад=100

Агар дорои (аслу насаб) ҳам бошанд, пас се то сифр баъди адад як мегузорем, ки мешавад=1000

Вале агар замоне адади як рафт (ахлоқ) чизе ба ҷуз сифр боқӣ намемонад ва сифр ҳам ба танҳоӣ ҳеҷ нест, пас ахлоқ арзиши баланд дошта, асоси ҳастии инсониятро нишон медиҳад.

## Лабханд

Зане дар таксӣ мешинад ва ҳамгоми дар назди манзилаш расидан ба ронанда мегӯяд:

- Бубахшед, ман ҳамиёнамро гум кардаам ва пул надорам, ки роҳкирои туро диҳам...

Ронанда бошад ба ғазаб омада мошинро ба тарафи дашти пур аз алаф меронаду дар байни дашти алафдор фаромада аз бағоҷи мошин латаи калонеро гирифта паҳн мекунад.

Ин ҳолатро зан дида ба зорӣ медарояд:

- Аккаҷон илтимос лозим не. Ман шавҳар ва ду кӯдак дорам.

Ронанда ҳам қаҳраш паст нашуда мегӯяд:

- Ман ҳам ду зан ва ҳашт фарзанд дорам, ба зами ин 50-то харгӯши дигар. Бисёр гап назану тез-тез алаф дарав кун...

## ТАСАЛЛИЯТ

Роҳбарият ва аҳли кормандони Агентии Тоҷикстандарт ба, мутахассиси пешбари шуъбаи шаҳодатномадиҳии кору хизматрасонӣ Идрисов Убайдулло нисбати марги нобаҳангоми

**МОДАРАШ**

изҳори тасаллият намуда, ба пайвандони марҳум аз даргоҳи Худованд сабри ҷамил хоҳонанд.

Стандарт

НАШРИЯИ ТАҲЛИЛИЮ ИТТИЛООТИИ «СТАНДАРТ» АЗ МОҲИ ЯНВАРИ СОЛИ 2022-ЮМ НАШР МЕШАВАД.

МУАССИС: АГЕНТИИ ТОҶИКСТАНДАРТ

САРМУҲАРРИР: Мурод Ашӯров

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Т. Абдулваҳобзода,
Р. Мирзоён,
М. Сафарзода,
М. Рустамзода,
Ғ. Муҳиддинов,
И. Саъдуллозода,
Н. Сабзалиев

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Фирдавси Абдураҳмон
муҳаррир
Ойгул Одинаева
хабарнигор
Сафаралӣ Сатторов
саҳифабанд

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №287/ рз-97 аз 12.04.2022 номнавис шуда, бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дар як моҳ ду маротиба чоп мешавад. Нашри маводи рӯзнома бе иҷозати идора манъ аст.

Дар рӯзнома ба хотири гуногунандешӣ баъзе маводҳо аз интернет истифода мешаванд.

Нишонии идора:
734018, ш. Душанбе, кӯч. Н. Қарабоев 42/2,
Тел.: 233-68-69, 233-90-47.

МСМС ва НС Суғд. Суроға: ш. Хуҷанд, Маҳаллаи Темурмалик, шаҳраки 7, бинои 7.
Телефони боварӣ: 8-34-22-408-73.
E-mail: sugdstandard@mail.ru

МСМС ва НС Хатлон. Суроға: ш. Бохтар, кӯчаи Вахдат 23. Телефони боварӣ: 361-71, 361-68, 283-16. E-mail: hatlonstandard@mail.ru

РСМС ва НС ВМКБ. Суроға: ш. Хоруғ. Телефони боварӣ: 93-505-22-11

РСМС ва НС Кӯлоб. Суроға: ш. Кӯлоб. Телефони боварӣ: 904-30-44-44

Рӯзнома дар чопхонаи «Мега - принт» нашр шудааст.

Суроға: ш. Душанбе, кӯчаи Борбад 36.